Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба 90-солагии зодрӯзи академик Б.Ғ. Ғафуров қайд намудааст: «Дар таърихи ташаккули ҳар як халқу миллат бузургоне ҳастанд, ки мардум номи онҳоро дар хотираи неки худ абадӣ нигоҳ медорад. Хушбахтона, дар таърихи халқи тоҷик низ чунин шахсиятҳо зиёданд. Онхо на танхо ифтихори миллати худ, балки тамоми сокинони сайёра мебошанд. Ин бузургон бо мероси ғанӣ ва ғояҳои инсондӯстонаи худ дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Ҳар як марҳалаи таърихии халқи тоҷик чунин шахсиятҳои барҷастаеро, ки фаъолияташон ба соҳаҳои гуногуни илму маориф, сиёсат ва таърих иртибот дорад, ба арсаи ҷаҳонӣ овардааст».[1]

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Великий сын народа. Выступление Президента Республики Таджикистан Э.Ш. Рахмонова на торжественном собрании, посвящённом 90-летию со дня рождения выдающегося сына таджикского народа,

Асри бистум низ ба ин маъно истисно нест. Дар байни олимон ва муаррихони барҷастаи халқи тоҷик, ки ворисон ва идомадиҳандагони арзандаи ин анъанаҳо гардидаанд, номи профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мавқеи хосса дорад. Ҷаҳонбинии илмӣ ва шавқу ҳаваси гуногунҷабҳаи ӯро, ки бисёр масъалаҳои таърихи давраи нав ва навтарини Тоҷикистон, таърихи маданият, илм, мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, маорифи ҷумҳури, умуман ва хоссатан минтакаи шимолии онро дар бар мегирад, мушоҳида намуда, зарурияти муайян кардани хизматхои ин олими муътабар дар таърихнигории ватанӣ бештар ҳис карда мешавад.

Муҳиммияти мавзуи интихобшудаи диссертатсияи мазкур бо далелҳо ва омилҳои зерин асоснок карда мешавад:

- **аввалан,** профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳаёти дурахшону наҷибро паси сар намуда, фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ҷамъиятии ӯ - қисми таркибии таърихи ташаккул ва рушди илми таърихи тоҷик, таърихи бунёди ҷамеаи навин, ташаккули зиёиёни нави тоҷик, таърихи инкишофи илм, мактаби олӣ, фарҳанг, маорифи Тоҷикистон дар маҷмуъ, ва, ба вижа қисмати шимолии ноҳияҳои ҷумҳурӣ, таҳқиқи ин масъалаҳо аҳаммияти назариявӣ, илмӣ-маърифатӣ, амалӣ ва тарбиявӣ дорад;

- **дуюм**, таҳлили воқеъбинонаи мероси илмии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров барои ҷамъбаст ва арзёбии марҳилаи муайяни инкишофи илми таърихи тоҷик кӯмак мерасонад ва барои натиҷагирӣ, баҳрабардорӣ аз таҷрибаи зарурии таърихӣ имконият фароҳам меорад, барои рушди минбаъдаи афкори таърихӣ дар Тоҷикистон ва интихоби дуруст, таҳлилу омӯзиши самтҳои калидии таърихи халқи тоҷик мусоидат хоҳад кард;

- **сеюм**, Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар радифи муаррихони барҷастаи Тоҷикистон, ки дар омӯзиши таърихи ватании давраи нав ва навтарин саҳми бебаҳо гузоштанд, шомил аст. Ин давра аз лиҳози миқдор ва сифати ҳодисаҳои ба амал омада, аз дараҷаи таъсири онхо ба сарнавишти халқи тоҷик, аз ҷиҳати аҳаммияти таҳаввулот ва тағйиротҳои дар ҷамъият ба амаломада, хосу тақдирсоз ба ҳисоб меравад;

- **чорум**, омӯзиш, инъикос ва арзёбии хизматҳои муаррихони ин давра, ки қодиранд тамоми мушахассоти таҳаввулоти дар ҷомеа ба вуҷуд омадаро воқеъбинона ва дуруст таҳлил намоянд, барои илми таърих ва таърихнигории ҷумҳурӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад.

**Дараҷаи омӯзиши масъала.** Ҳаёт ва фаъолияти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, мероси илмии ӯ ҳанӯз дар замони зиндагии олим таваҷҷуҳи ҳамкорон, шогирдон ва муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Тамоми адабиёти мавҷудаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ, маводи дорои хусусияти библиографӣ, маълумотнома ва энсиклопедӣ доштаро, ки ба фаъолият ва мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров иртибот доранд, метавон ба се гурӯҳ тақсим намуд.

---

видного политического и государственного деятеля, академика Бободжона Гафурова // Сборник воспоминаний о Б. Г. Гафурове – учёном, политике, гражданине. – М.: Посольство РТ в РФ, 1999. – С. 9.

**Ба гурӯҳи аввал** интишороте дохил мешаванд, ки мустақиман ба ҳаёт ва фаъолияти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров бахшида шудаанд. Нахустин асаре, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти олим, таҳлили мероси илмии ӯ бахшида шудааст - библиографияи осори илмии ӯ мебошад, ки ба муносибати 60-солагии зодрӯзи олим соли 1987 нашр гардида буд.[1] Дар сарсухани академики АИ Тоҷикистон З. Раҷабов ва дар мақолаи муқаддимавии доктори илмҳои таърих, профессор Ш.А. Аҳмадов ва номзади илмҳои таърих, дотсент С.А. Абдуллоев марҳилаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров инъикос ёфта, тавсифи мухтасари фаъолияти илмии ӯ ҳамчун олим, омӯзгор ва ходими ҷамъиятӣ дода шудааст. Библиографияи асарҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии чопшудаи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки солхои 1947-1987-умро дар бар мегирад аз 388 номгӯ иборат аст. Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муаллифи қариб 750 рисолаҳои бунёдӣ, асарҳои илмӣ-оммавӣ, китобҳои дарсӣ, ёддоштҳо, мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ дар маҷмӯаҳои гуногун ва матбуоти даврӣ мебошад. Дар китоби ёддоштии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров «Моя стезя» дар бахши «Асарҳои илмӣ ва публитсистӣ» 746 номгӯй осори олим оварда шудааст, ки то соли 2006-умро дар бар мегиранд.[2]

Мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, тақризҳои ҳамкорон, ҳамкасбон ва шогирдони ӯ – Н. Морозов, Н.Турсунов, М. Ваҳҳобов, С. Каюмов, А. Солиев, Ш. Ҷалолов, А. Қодиров, У. Исмоилов, С. Абдуллоев, А. Сайфуллоев, Ш. Султонов, М. Шукуров, Ш. Рустамов, А Дун, Т. Мақсудов, С. Ҳомидов, Ҳ. Дӯстов, Ҳ. Тоатов, А. Бобокалонов,[3] ки ба профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ва осори ӯ бахшида шудаанд,

---

[1] Гафур Хайдарович Хайдаров. Материалы к библиографии учёных Таджикистана, вып. 37.

[2] Хайдаров Г. Х. Научные и публицистические работы// Хайдаров Г.Х. Моя стезя. (Итог жизни длинною в 80 лет). Худжанд: Нури маърифат, 2007. – С. 82 – 148.

[3] Морозов Н. Паспорт города Ленинабада // Коммунист Таджикистана. – 1965. – 28 февр; Турсунов Н. Рисола оид ба Хуҷанди бузургу Ленинободи ҳозира // Тоҷикистони Советӣ. – 1965. – 24 авг.; Вопросы истории. – 1967. - № 3. – С. 156 – 157. (Краткое резюме о монографии Г. Х. Хайдарова «Борьба за установление и упрочение Советской власти в Северном Таджикистане (1917-1923 гг.)». – Ленинабад, 1966. – 183 с.); Турсунов Н., Ваххобов М. Книга о победе Советской власти в Северном Таджикистане // Коммунист Таджикистана. – 1968. – 19 июня; Турсунов Н., Ваххобов М. Асар дар бораи ғалабаи Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ// Тоҷикистони Советӣ. – 1968. – 14 нояб; Каюмов С. Первые шаги// Ленинадабская правда. – 1968. – 13 марта; Маориф ва маданият. – 1968. – 10 дек.; Кабилов А., Солиев А. От академсектора вузкома до доктора наук // Маҳорати педагогӣ. – 1968. – 23 февр.; Кобилов А., Салиев Ш. Итоги в науку// Камсамолони Тоҷикистон. – 1968. – 10 марта; Жалилов Ш. Қодиров А. Табриклаймиз // Совет Тожикистон. – 1968.- 15 марта.; Исмоилов У., Абдуллоев С. Нахустин доктори илм дар институти мо// Ҳақиқати Ленинобод. – 1968. - 22 марта; Исмоилов У., Абдуллоев С. Новых успехов Вам, доктор! // Ленинадабская правда. – 1968. – 22 марта; Сайфуллоев А. Фатҳи қуллаҳои тобони илм // Маориф ва маданият. – 1968. – 6 апр.; Султонов Ш. Интеллигент – это не просто человек с дипломом // Коммунист Таджикистана. – 1968. – 11 окт.; Морозов Н. Не пыль архивов, а фактов соль // Ленинабадская правда. – 1969. – 22 апр.; Шукуров М., Турсунов А., Абдуллоев С. Олим ва педагоги намоён// Маориф ва маданият. – 1972. – 16 янв.; Турсунов Н., Абдуллоев С. Труд по истории края // Ленинабадская правда. – 1974. – 21 марта; Рустамов Ш. Самараи дӯстӣ. – Маориф ва маданият. – 1974. – 7 нояб.; Турсунов Н., Исмоилов У., Абдуллоев С. Очеркҳои сохтмони сотсиалистӣ дар Точикистони Шимолӣ // Коммунисти Тоҷикистнон. - 1975. - № 9. – С. 93 – 96. (Тақриз аз китоби Хайдаров Г.Х. Очерки истории социалистического строительства в Северном Таджикистане (1917-1937 гг.). – Душанбе: Ирфон, 1974. – 460 с.); Торжество социализма в Северном Таджикистане // Известия АН Тадж. ССР. Отд – ние общест. наук. – 1975. - № 3 (81); Дун А. З. Итоги упорного труда// Маҳорати педагогӣ. – 1975. – 23 февр. Турсунов Н., Абдуллоев С. Тадқиқоти пурарзиш // Ҳақиқати Ленинобод. – 1975. – 11 июнь; Абдуқодиров А. Се мулоқот бо устод// Маҳорати педагогӣ. – 15 янв.; Максудов Т. М., Хамидов С. Х., Абудуллоев С. А. Неутомимый труженник науки и просвещения// Маҳорати педагогӣ. - 1977. -15 янв.; Дӯстов Ҳ. Марди ориф// Комсомоли Тоҷикистон.- 1977. – 16 февр.; Тоатов Ҳ, Бобокалонов А. Камоли илм. – 1987. – 15 сент.; Абдуллоев С., Дун А. Учёный, педагог, коммунист// Ленинабадская правда. – 1987. – 16 сент.; Шукуров М., Рахматуллоев А., Қодиров А., Кашшофи қисмати халқ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1987. – 21 окт.

дар миёнаҳои солҳои 60-80-уми қарни XX ба табъ расида, барои омӯзиши илмии фаъолияти меҳнатӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва ҷамъиятии олим замина гузоштаанд.

Ҷашнҳои солгарди профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар доираҳои илмии муаррихони вилоят ва ҷумҳурӣ ботантана қайд гардиданд, боиси ба вуҷуд омадани шумораи зиёди маколаҳои илмӣ-оммавӣ, ёддоштҳо, тақризҳо, китобҳо, маҷмуа ва маводҳои гуногун гардиданд. Дар байни онҳо метавон мақолаҳои Ш. Аҳмадов, Н. Салимов, Ҳ. Пирумшоев, А. Бобокалонов, У. Ғаффоров, Ҷ. Ҳомидов, Ф. Ҳомидов, Х. Тоатов, Ҷ. Гулбеков, Ш. Шарифов, С. Эркаев, Б. Хоҷибоева, М. Каримова, А. Бобоҷониён, Н. Шоҳинбод, М. Раҳматова, Н. Маҳмудова[1] ва дигаронро номбар намуд, ки дар онҳо фаъолияти гуногунҷабҳаи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун омӯзгори моҳир, ҳидоятгар, олим, инсони дорои истеъдоди фавқулодда ва фароху доманадор инъикос ёфтааст.

Бояд зикр намуд, ки номбар намудани тамоми мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, тақризҳо ва қайду хотироте, ки дар саҳифаҳои матбуоти даври доир ба Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар солҳои гуногун ба нашр расидаанд аз имкон берун аст. Шумораи онҳо беш аз 200 номгӯй буда, шаҳодати обрӯ ва нуфузи бузурги олим ва маъруфияти мероси илмии ӯ мебошанд. Мо танҳо мақолаҳои муҳимтарини ҳамкорон, ҳамкасбон ва шогирдони Ғ.Ҳ. Ҳайдаровро овардаем, ки дар онҳо далелҳои наву ҷолибро метавон пайдо кард, ки ӯро ҳамчун олими дорои дониши васеъ, яке аз чеҳраҳои барҷаста ва шинохтаи илми таърихи тоҷик дар асри XX муаррифӣ менамоянд. Дар байни онҳо мукаммалтарин, пурарзиштарин мақолаи дорои хусусияти амиқи таҳлилӣ дошта, ба қалами, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев мансуб аст,[2] ки дар он ба роҳи тайкарда, мероси илмӣ, хизматҳои шоёни профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ва мақоми ӯ дар рушди илми таърихи халқи тоҷик баҳои воқеъбинона, холисона дода шудааст.

---

[1] Аҳмедов Ш., Ғаффоров У., Бобокалонов А., Ҳомидов Ф. Нигораҳои таърихи халқу миллат// Тирози ҷаҳон. – 2002. – 12 янв.; Бобокалонов А, Эркаев С., Тоатов Ҳ., Ҳомидов Ҷ., Гулбеков Ҷ. Фаромӯш накун ҳаққи устоди илм // Нури маърифат. – 2002. – 30 янв.; Қосимов Р. Устоди бузургвор Ғафур Ҳайдарович! // Тадқиқоти гуманитарии Осиёи Марказӣ. 2003. – № 5. – С. 159 – 160; Салимов Н. Пирони солхӯрда сухан пухта мекунанд //Там же. – С. 161 – 163; Аҳмедов Ш., Ғаффоров У., Бобокалонов А, Ҳомидов Ф., Ҳомидов У., Эркаев С., Маҳмудова Н. Саҳми профессор Ғ. Ҳ. Ҳайдаров дар тадқиқи таърихи муосири тоҷик// Там же. – С. 164 – 171; Ходжибаева Б. Книга радости и боли// Тирози ҷаҳон. – 2004. – 27 нояб.; Каримова М. Қадри устод аз падар беш аст// Суғд. – 2005. – 21 дек.; Абдумаҷиди Бобоҷониён, Низомиддини Шоҳинбод. Дипломатияи мардумӣ. Президенти Русия В. В. Путин ба олими тоҷик Ғ. Ҳ. Ҳайдаров арзи сипос мекунад// Суғд. – 2005. – 7 сент.; Пирумшоев Х. Борец за правду истории// Социализм: теория и практика. – 2007. - № 1 – 2(31 – 32). – С. 131 – 145; Ҳамон муаллиф Борец за правду истории // Пири тариқати илм... С. 34 - 56. Эркаев С., Ҳомидов Ф., Тоатов Ҳ., Шарифов Ш., Гулбеков Ҷ. Таърихшиноси таърихи халқи тоҷик// Ҳақиқати Ленинобод. – 2007. – 10 янв.; Раҳматова М. Ҳарфи омӯзгор пӯшдору аст// Тирози ҷаҳон. – 2007. – 13 янв.; Каримова М. Фарзанди фарзонаи миллат//Тирози ҷаҳон. – 2007. – 13 янв.; Шарифов Ш., Тоатов Ҳ., Ҳомидов Ф., Эркаев С., Гулбеков Ҷ. Мураббии муаррихон. Тирози ҷаҳон. – 2007. – 13 янв.; Ҳомидов Ф., Эркаев С., Тоатов Ҳ., Шарипов Ш., Гулбеков Ҷ. Таърихшиноси таърихи халқи тоҷик// Нури маърифат. – 2007. -22 янв.; Салимов М., Ҳомидов Ф., Шарифов Ш. Пири тариқати илм//Тирози ҷаҳон. – 2008. – 12 янв.; Шарифов Ш. Мазораш дар дили мардум//Тирози ҷаҳон. – 2010. – 28 июн.; Раҳматова М., Маҳмудова Н., Раҳнамои қуллаҳои илм//Тирози ҷаҳон. – 2012. – 14 янв.; Бобокалонов А. Инъикоси таърихи Хуҷанд дар осори илмии профессор Ғафур Ҳайдаров// Тирози ҷаҳон. – 2015. – 14 окт.

[2] Пирумшоев Х. Борец за правду истории// Социализм: теория и практика. – 2007. - № 1-2 (31 - 32). – С. 131 – 145.

Соли 1997 ба муносибати 70-солагии зодрӯзи профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров китоби С. Абдуллоев ва У. Ғаффоров «Фидоии илму маърифат» аз чоп баромад.[1] Ин китоб аввалин тадқиқоти муфассал дар бораи ҳаёт, фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ва ҷамъиятии Ғ. Ҳайдаров ба ҳисоб меравад. Китоб дар асоси сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ, бойгонии шахсии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, хотираҳои ҳамкорон, ҳамкасбон, шогирдон, мукотибот, мақолаҳои илмӣ таълиф шуда, муаллифон марҳилаҳои асосии фаъолияти олимро ҳамаҷониба инъикос намудаанд. Соли 2010 маҷмуаи «Пири таъриқати илм»[2] бахшида ба 80-солагии зодрӯзи профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки моҳи январи соли 2007 ҷашн гирифта шуд аз нашр баромад. Дар маҷмуа номаи табрикотии Раиси вилояти Суғд, дӯстони соҳибҷашн, аз ҷумла, аз Ӯзбекистон доктори илмҳои таърих, профессор Р. Шамсуддинов, мақолаҳои илмии ҳамкорон, шогирдони олим, аз ҷумла Н.Ю. Салимов, Н.О. Турсунов, О.К. Каримов ва дигарон гирд оварда шудааст, ки дар онҳо лаҳзаҳои алоҳида зиндагинома ва фаъолияти илмии олим инъикос ёфта, хислатҳои наҷиби ӯ ҳамчун инсон, муаррихи боистеъдод, муҳаққиқ, устоди хирадманд ва ходими ҷамъиятӣ инъикос гардидаанд.

Соли 2018 китоби «Машъалафрӯзи таърих» аз чоп баромад,[3] ки дар он маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 90-солагии зодрӯзи олим гирд оварда шудаанд. Дар китоб 32 мақолаи илмии муаррихони маъруфи ҷумҳурӣ Ҳ. Пирумшоев, Н. Турсунов, В. Набиев, Ҷ. Ҷӯразода, А. Усмонзода ва дигарон гирд оварда шудаанд, ки фаъолияти гуногунҷабҳаи омӯзгорӣ, устодӣ ва илмию ҷамъиятии ӯро инъикос мекунанд.

**Ба гурӯҳи дуюм** маҷмуаҳои ҷашнӣ, китобҳо, энциклопедияҳо бахшида ба таърихи ДДОЛ ба номи С.М. Киров - ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, ки лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёт ва фаъолияти поягузорон, собиқадорони яке донишгоҳҳои куҳани Тоҷикистонро, ки соли 1932 таъсис ёфта буд, интишороти хусусияти энсиклопедӣ ва маълумотномавӣ-шарҳиҳолидоштаро, ки баъзе саҳифаҳои рӯзгор ва осори Ғ.Ҳ. Ҳайдаровро инъикос менамоянд, метавон ворид намуд.

Таърихи таъсис, ташаккул ва рушди ДДОЛ ба номи С.М. Киров – ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров дар як қатор интишороти ҷашнӣ инъикос ёфтаанд. Дар онхо марҳилаҳои асосии таърихи инкишофи донишкада, ба мақоми донишгоҳ соҳиб шудани он, таърихи факултетҳо, кафедраҳо, дигар сохторҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ инъикос ёфта, зиндагиномаи шахсиятҳои алоҳидаи маъруф, ки дар инкишофи маориф, маълумоти олӣ ва тайёр кардани мутахассисон саҳми калон гузоштаанд, баён ёфтааст. Дар ин асарҳо

---

[1] Абдуллоев С., Гаффоров У. Фидои илму маърифат. – Хучанд: Нашриёти давлатии ба номи Рахим халил, 1997. – 2003. 204 с.

[2] Пири тариқати илм. (Маҷмӯи мақолаҳо, номаҳо ва барқияҳои шодбошӣ ба ифтихори 80 - умин солгарди мавлуди Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми таърих, профессор Ғафур Ҳайдарович Ҳайдаров). - Хуҷанд, 2010. - 112 с.

[3] Машъалафрӯзи таърих. Маводи Конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявии "Саҳми профессор Ғафур Ҳайдаров дар рушди илми таърих ва тарбияи мутахассисони баландихтисос" бахшида ба 90 - солагии зодрӯзи Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ғафур Ҳайдарович Ҳайдаров. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 296 с.

маълумотҳои пурарзиш дар бораи ҳаёт ва фаъолияти яке аз собиқадорони донишгоҳ Ғ.Ҳ. Ҳайдаров оварда мешавад.[1]

Баъзе маълумотҳои библиографӣ ва шарҳиҳолӣ, лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёт, фаъолият ва осори илмии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаровро дар асарҳои хислати энсиклопедӣ, маълумотномавӣ ва шарҳиҳолидошта,[2] пайдо кардан мумкин аст.[3]

Ҳаёт ва фаъолияти олим таваҷҷуҳи на танҳо муҳаққиқони ватанӣ, балки хориҷиро низ ба худ ҷалб кардааст. Дар китоби профессори Донишгоҳи Миннесота (ИМА) Эраҷ Баширӣ «Чеҳраҳои дурахшони тоҷикони асри XX»,[4] ки ба забони англисӣ нашр шудааст, баъзе маводҳои шарҳиҳолии Ғ. Ҳ. Ҳайдаров оварда шудааст.

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳои алоҳидаи дорои хислати таърихнигорӣ доштаро метавон шомил намуд, ки дар онҳо ташаккул ва инкишофи илми воқеии таърихи халқи тоҷик, саҳми муаррихони номдор дар ташаккул, рушд ва комёбиҳои илми таърих дар ҷумҳурӣ инъикос ёфтааст.

Дар тадқиқотҳои Б. Искандаров,[5] Р. Масов,[6] Ҳ. Холҷӯраев,[7] М. Шевченко,[1] асари дастаҷамъонаи “Илми Тоҷикистони шӯравӣ”[2] ва дигар

---

[1] Маҷмӯаи идона. Юбилейный сборник в честь 25 летия ЛГПИ имени С. М. Кирова. – Ленинабад: Ленинабадская областная типография, 1958. – 140 с. на тадж. и русском яз. - О Г. Х. Хайдарове см. стр. 24, 35, 63, 65- 67;

Хамидов Р. Я. Старейший институт Таджикистана. (Очерк о Ленинабадском госпединституте имени С. М. Кирова). – Душанбе: Ирфон, 1966. – 87 с. - О Г. Х. Хайдарове см. стр. 64; 50 – лет Ленинабадскому государственному педагогическому институту им. С. М. Кирова. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 197 с. О Г. Х. Хайдарове см. стр. 3, 17, 36, 47, 54, 61, 103, 147-148, 150; Ленинабадский государственный педагогический институт имени С. М. Кирова. 1932-1982. – Ленинабад, 1982. – 32. - О Г. Х. Хайдарове см. стр. 14, 29; Каримов С. Н. Ҳайдаров Ғ. Ҳ. Кохи фарҳанг. Матбааи вилоятии Ленинобод, 1992. – 59 с. О Г. Х. Хайдарове см. Стр. 23, 27 – 29, 55. Каримов С. М., Хайдаров Г. Х. Храм знаний. – Худжанд: Ленинабадская областная типография, 1982. – 76 с. - О Г. Х. Хайдарове с. Стр. 21-22, 25. Хайдаров Г. Х., Эркаев С. А. Калыбель историков (К 60-летию исторического факультета Худжандского госуниверситета). – Худжанд: Омор, 1996. – 2006. - О Г. Х. Хайдарове см. стр. 14, 17 – 18, 29, 51, 58, 71, 80, 90, 95, 97 – 102, 105, 108, 110, 115, 126 – 127, 131 – 132, 135, 144, 153, 155, 162, 177-179, 189; Абдуллоев С. А. Холджураев Х. Х. Худжандский государственный университет: история, документы и его люди. Худжанд: Госиздательство им. А. Дониша, 1997. – 467 с. - О Г. Х.Хайдарове см. стр. 220, 242, 255, 269, 293 – 295, 331 – 335, 374, 376, 384, 390, 403, 406, 433 – 434, 441 – 442, 463.

[2] Советская историческая энциклопедия. Том 13. – М.: Глав. науч. ред. совет. энциклопед., 1971. – С. 682; Скоробогатов И. Хайдаров Гафур // Энциклопедияи советии точик. Ҷилди 8. Ғ Душанбе: Сарред. илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1988. С. 353; Пулотов У., Валиев А. Хайдаров Гафур Хайдарович // Худжанд. Энҷиклопедия. – Душанбе: Глав: науч. ред. таджик. энцикл., 1999. – С. 746 – 747.

[3] Худжандский государственный университет. Энциклопедический словарь. На русском и таджик. яз. – Худжанд, 1999. – С. 17; 50 – 51; 87; 90 – 91; 97; Энциклопедия учёных ХГУ имени академика Б. Гафурова. – Худжанд; Нури маърифат, 2002. – С. 9; 11; 251 – 252; Донишгохи давлатии Худжанд ба номи акдемик Б. Гафуров. Қомуси мухтасар. – Худжанд: Нури маърифат, 2007. – С. 6; 213; 456; 481-482; Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Қомуси мухтасар. – Душанбе: Нуримаърифат, 2012. – С. 214 – 215; 470; 493 – 494.

[4] Iradj Bashiri. Prominent tajik fugures,of the twentieth century. – Minnesota, USA, Dushanbe, Tajikistan, 2000. – p. 100-101.

[5] Искандаров Б. И. Развитие исторических наук // Наука Советского Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1974. – С. 173 – 188; Искандаров Б. И. Развитие исторических наук в Таджикистане. – Душанбе, 1977. – 82 с.

[6] Масов Р. М. Историография социалистической реконструкции сельского хозяйства и дальнейшего развития колхозного строительства в Таджикистане (1917-1967 гг.). – Душанбе: Дониш, 1974. – 127 с.; Масов Р. М. Историография Советского Таджикистана (1917-1975 гг.). – Душанбе: Дониш, 1978. - 235 с.; Масов Р. М. История исторической науки и историография социалистического строительства в Таджикистане. – Душанбе: Дониш, 1988. – 319 с.

[7] Холджураев Х. Диссертации историков по материалом Туркистана. – Душанбе: ТГУ им. В. И. Ленина, 1970. – 283 с.

таълифоте, ки ба таърихи ташаккул ва рушди илми тоҷик, аз ҷумла илми таърих ва таърихнигории ҷумҳурӣ бахшида шудаанд, баъзе маълумотҳо оид ба осори Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ва тавсифи мухтасари асарҳои илмии ӯ оварда шудаанд.

Дар ҷилди панҷуми тадқиқоти бунёдии шашҷилдаи «Таърихи халқи точик»[3] оид ба фаъолияти илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун муҳаққиқи шинохтаи таърихи халқи тоҷики даврони шуравӣ маълумот дода мешавад. Дар фасли таърихнигории китоби мазкур зикр мегардад, ки: «Дар солҳои 60-70 оид ба масъалаи таърихи барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, дар маҷмуъ тамоми ҷумҳурӣ бештар таваҷҷуҳи олимон-муаррихон равона карда мешавад. Яке аз чунин асарҳо оид ба ғалабаи Ҳокимияти Шуравӣ дар Точикистони Шимолӣ рисолаи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мебошад. Метавон гуфт, ки ӯ дар байни муҳаққиқони таърихи навтарини Тоҷикистон аввалин шуда, таърихи таъсиси шӯроҳоро бо далелҳои қавӣ инъикос намуда, раванди болшевикикунонии он ва мубориза и гурӯҳҳои мухолифро алайҳи Ҳизби коммунист, инчунин ҳизбҳои чапи эссерҳо, меншевикон, ки муваққатан сарварии Шурои Хуҷандро ба даст оварда буданд, инъикос намудааст”.[4] Китоби дигари ӯ, ки дорои таваҷҷуҳи хоса аст ва дар он таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ муфассал таҳлил шудааст.[5]

Баррасии мухтасари таърихнигорӣ ва таҳлили маводи ба нашр расида нишон медиҳад, ки ҳаёт ва фаъолияти профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, мероси илмии ӯ, саҳми ӯ дар рушди илми таърихи халқи тоҷик ва тарбияи муттахасисони баландихтисос ҳанӯз мавзуи таҳқиқоти махсус нагардидааст. Дар таҳқиқотҳои хурдҳаҷм, китобҳои илмӣ-оммавӣ, маҷмуаҳо ва маводи матбуоти даврӣ, танҳо дар бораи паҳлӯҳои алоҳидаи ҳаёт ва эҷодиёти олим маълумот дода мешавад. Фаъолияти илмӣ-ташкилотчигӣ ва эҷодии ӯ дар самти офаридани асарҳои бунёдии дастаҷамъона оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи Хуҷанд, саҳми ӯ дар ташаккул ва рушди илми таърих ва маълумоти олӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисос ба таври кофӣ омухта нашудааст.

Бо дарназардошти дар сатҳи нокифоя омӯхта шудани масъалаҳои дар боло зикршуда, мо мавзуи мазкурро ҳамчун таҳқиқоти диссертатсионии худ интихоб кардем.

**Робитаи таҳқиқот бо барономаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи пажӯҳиш ва татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров “Масъалаҳои умдаи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз даврони қадим то замони муосир” барои солҳои 2021-2025 тасдиқ гардидааст, ба амал бароварда шудааст (суратҷаласаи № 5, аз 28.12.2020).

[1] Шевченко З. М. Каталог кандидатских и докторских диссертаций, защищённых на материалах Таджикской ССР. – Душанбе: Дониш, 1970. – 135 с.
[2] Наука Советского Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1974. – 1974. – С. 173 – 188.
[3] История таджикского народа. Том V. Новейшая история (1917 – 1941 гг.). – Душанбе: ПОО «Империал - групп», 2004. – 752 с. – О Г. Х Хайдарове см. стр. 20, 25, 351, 585.
[4] История таджикского народа. Том V. Новейшая история (1917 – 1941 гг.). – Душанбе: ПОО «Империал - групп», 2004. – 752 с. – О Г. Х Хайдарове см. стр. 20, 25, 351, 585.
[5] История таджикского народа. Том V. С. 25.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот ҷанбаи мушаххаси таърихӣ, таърихнигорӣ қарор додани ҳаёт, фаъолият ва мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мебошад. Дар ин замина дар диссертатсия чунин вазифаҳои мушаххас гузошта мешавад, ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

- дар асоси омӯзиш ва таҳлили осори илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ёддоштҳо ва мероси мактуби ӯ, маъхазҳои бойгонӣ аз ҷумла, бойгонии шахсӣ, осори нашршуда, осори таърихнигорӣ ва энсиклопедияҳои гуногун, ҳамаҷониба омӯхтани роҳи тайкардаи олим ва ташаккули ӯ ҳамчун омӯзгор, устод, олим ва арбоби ҷамъиятӣ;
- равшан намудани саҳми Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар таҳқиқи масъалаҳои таърихи маорифи халқ, инқилоби маданӣ, бунёди ҷомеаи навин дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон, таблиғи ҳаёти шахсиятҳои маъруф ва мероси таърихии халқи тоҷик;
- омӯзиши фаъолияти илмӣ-ташкилотчигии ӯ дар ташаккул ва рушди илми таърих ва таҳсилоти олӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, тарбия намудани омӯзгорон-муаррихон ва муттахассисони баландихтисоси илмӣ-омӯзгорӣ;
- таҳқиқи иштироки олим дар офаридани асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи халки тоҷик ва таърихи шаҳрҳои алоҳидаи Тоҷикистон, аз ҷумла Ленинобод (Хуҷанд), фаъолияти илмӣ- муҳарририи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров;
- таҳлили осори олим, ки дар солҳои истиқлолият ба нашр расидаанд, равшан намудани саҳми Ғ. Ҳ. Ҳайдаров дар таҳқиқи масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар солҳои аввали истиқлолият, таҳлилу таҳқиқи осори ёддоштӣ ва мукотиботи олим ҳамчун сарчашмаи арзишманди таърихнигорӣ;
- муайян кардани мақом ва нақши профессор Ғ.Ҳ.Ҳайдаров дар ташаккул ва рушди илми таърих дар Тоҷикистон ва аҳаммияти мероси илмии ӯ дар таърихнигории ватанӣ.

**Объекти таҳқиқот** – шарҳи ҳоли эҷодӣ ва фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ, ҷамъиятии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, осори нашршудаи олим дар шакли рисолаҳо, монографияҳо, китобҳо, мақолаҳо ва ғайра мебошад.

**Предмети таҳқиқот** – инъикоси саҳми Ғ. Ҳ. Ҳайдаров дар таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои таърихи маорифи халқ, дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, ташаккул ва рушди илми таърих, таҳсилоти олӣ, тайёр кардани муттахассисон мебошад.

**Ҳудуди хронологии таҳқиқот** – тамоми марҳилаҳои ҳаёт, фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ, ташкилотчигӣ ва ҷамъиятии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, яъне солҳои 1927-2009-ро дар бар мегирад. Маҳз дар ҳамин марҳилаи роҳи зиндагӣ ҷараёни ташаккул ва рушди эъҷодии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун яке аз олимони маъруфи ҷумҳурӣ, ки мактаби илмии худро оид ба таҳқиқу омӯзиши таърихи ватанӣ созмон дод, муттахассисони зиёдеро на танҳо барои ҷумҳурӣ, балки берун аз он тарбия намуд, шумораи зиёди асарҳои илмиро бахшида ба масъалаҳои мубрами таърихи навтарини халқи тоҷик таълиф намуд, сурат мегирад.

**Марҳилаҳо, макон ва давраҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ду марҳила, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров иҷро гардид. **Марҳилаи аввал** - солҳои 2015-2019-ро дар бар гирифта, он аз интихоби мавзуъ, роҳбари илмӣ, ҷамъоварӣ, ба низом даровардани мавод оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, омӯзиш, таҳлили бойгонии шахсии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, омӯзиши мероси илмии олим, интишорот оид ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ, таҳқиқотҳои таърихнигорӣ, таълифи муқаддима ва боби аввали диссертатсия, интишори мақолаҳо оид ба мавзуи диссертатсия, иштирок дар конференсияҳои илмӣ, супоридани имтиҳони минимуми номзадӣ аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ иборат буд. **Марҳилаи дуюм**, солҳои 2020-2023-ро дар бар гирифта, дар ин давра таълифи бобҳои дуюм, сеюм, хулосаи диссертатсия, нашри мақолаҳо оид ба мавзуи таҳқиқот, иштирок дар конференсияҳои сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, супоридани имтиҳони минимуми номзадӣ аз рӯи ихтисос ва пешниҳоди диссертатсия ба ҳимояи расмӣ ба анҷом расонида шуд.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия.** Муаллиф ҳангоми таълифи рисола метод ва усул таърихият, воқеиятро сармашқи кори худ қарор додааст. Илова бар он аз метод, роҳу василаҳое, ки хоси таҳқиқотҳои таърихӣ ва таърихнигорӣ мебошанд, аз ҷумла методҳои таърихӣ-хронологӣ, проблемавӣ, шарҳиҳолӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-типологӣ, таърихӣ-системавӣ, таҳлилӣ, интиқодӣ, ретроспективӣ, тасвирӣ истифода бурда шуд. Барои таҳқиқоти мо дар баробари дигар методҳо, усули шарҳиҳолӣ аҳаммияти хосса дорад. Ин метод инъикоси муфассали ҳаёт ва фаъолияти олимро, дар мисоли мушаххасси Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун муаррих, муҳити иҷтимоӣ, ки ӯ дар он ба воя расида, ҳамчун олим ташаккул ёфтааст, таҳлили осори муҳаққиқро аз рӯи тартиби хронологӣ ё аз рӯи масъалаҳое, ки ӯро ба худ ҷалб кардаанд, тақозо менамояд.

**Пояи сарчашмавии таҳқиқот**. Ҳангоми таълифи диссертатсия ҳамчун сарчашмаи асосӣ осори илмии Ғ. Ҳ. Ҳайдаров, адабиёти таърихнигорӣ оид ба ӯ, интишорот бахшида ба рушди илми таърих ва таърихнигории тоҷик, маводи Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фондҳои №№ 1735, 1915, 1917), Бойгонии давлатии вилояти Суғд (фондҳои №№.264,880) истифода шуданд.

Дар Бойгонии давлатии вилояти Суғд таҳти рақами №880 фонди шахсии профессор Ғ. Ҳайдаров, ки иборат аз 295 парванда аст, маҳфуз аст, ки дар онҳо маводи нодир оид ба ҳаёт ва фаъолияти олим гирд оварда шудаанд. Фонди №880 аз се феҳрист иборат буда, аз рӯи принсипи таркибӣ-хронологӣ таҳия шудаанд.

Дар байни маъхазҳои истифодашуда мукотиботи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ёддоштҳо, тақризҳо, сӯвориҳо ва дигар сарчашмаҳо арзиши муҳимро доро мебошанд.

Дар таҳқиқот мақолаҳо, интишорот, тақризҳое, ки дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ нашр гардидаанд, аз ҷумла: “Коммунисти Тоҷикистон”, “Тоҷикистони Советӣ”, “Сотсиализм: назария ва амалия”, “Маориф ва маданият”, “Ленинабадская правда”, “Маҳорати педагогӣ”, “Суғд”, “Тирози ҷаҳон”, ки дар

онҳо ҳаёт ва фаъолияти профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров инъикос ёфтаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навоварии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:**

- мавзуи интихобшуда, амалан нахустин кори илмии махсус, ҳамаҷониба, ва ҷамъбастӣ дар таърихнигории тоҷик маҳсуб ёфта, он дар пояи маводи архивӣ, осори нашршудаи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ва таълифот оид ба рӯзгор ва осори ӯ ба анҷом расонида шуда, дар он саҳми олим дар рушди илми таърих ва маълумоти олӣ дар Тоҷикистон, инъикос ёфтааст;
- дар таҳқиқоти мазкур бори аввал дар доираи диссертатсияи номзадӣ, тамоми роҳи тайкарда (шарҳи ҳол), фаъолияти илмӣ - омӯзгорӣ, ҷамъиятии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;
- дар диссертатсия маводи бойгонӣ, пеш аз ҳама бойгонии ғании шахсии Ғ. Ҳ. Ҳайдаров ва дигар сарчашмаҳои дасти аввал истифода шудаанд, ки аксарияти онҳо бори нахуст ба доираи илм ворид карда мешаванд;
- навоварии дигари таҳқиқот бо хислати пояи сарчашмавии он муайян карда мешавад. Дар диссертатсия маводи ёддоштии олим ва мероси мактуби ӯ истифода шудаанд, ки онҳо дар байни мероси илмӣ ва эҷодии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мавқеи муҳимро ишғол менамоянд;
- дар таҳқиқот кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки баъзе лаҳзаҳои норавшан ва камтаҳқиқшудаи ҳаёт ва эҷодиёти олим мукаммалтар инъикос шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ барои таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи мероси илмии Ғафур Ҳайдаров баён шудаанд;
- дар диссертатсия ҷараёни ташаккули ақидаҳои илмии Ғафур Ҳайдаров инъикос шуда, саҳми ӯ дар таҳлил ва шарҳу тавзеҳи муҳимтарин масъалаҳои таърихи маорифи халқ, фарҳанг, маълумоти олӣ арзёбӣ гардиданд;
- дар рисола асоснок карда шудааст, ки осори илмии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров оид ба масъалаҳои мубрами таърихи муосири Тоҷикистон аҳамият ва арзиши илмии худро гум накардаанд.

**Муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Ташаккул ва инкишофи илми таърихи халқи тоҷик, таъсис ва инкишофи марказхои илмӣ, муассисаҳои олии таълимӣ, тайёр кардани муттахассисони баландихтисоси соҳаи таърих ба давраи шӯравӣ иртибот дорад. Маҳз дар ҳамин давра таҳқиқотҳои илмии амиқ ва ҳаматарафаи таърихи халки тоҷик оғоз ёфта, асарҳои бунёдӣ, ҷамъбастӣ, рисолаҳо ва ғайра, ки тамоми давраҳо ва самтҳои таърихи халқи моро дар бар мегиранд, эҷод шуданд.
2. Ба шарофати кӯмак ва дастгирии олимони руси давраи шуравӣ, марказҳои илмӣ ва донишгоҳҳои олии Москва, Ленинград (Санкт-Петербург) ва дигар шаҳрҳо аз ҳисоби муттахассисони маҳаллӣ олимон-муаррихон, аввалин номзадҳо ва докторҳои илм, ки ба насли аввали муаррихони маъруфи тоҷик мансубанд, аз қабили Б.Ғ. Ғафуров, З.Ш. Раҷабов, Б.И. Искандаров, Н.Н. Неъматов, А.М. Мухторов, М.Р. Шукуров, А.Ҷалилов, О.Маҷлисов ва дигарон ба воя расиданд.
3. Дар байни шахсиятҳои барҷаста, ки ифтихори илми таърихи халқи тоҷик мебошанд, мақоми махсус аз рӯи ҳақиқат ба доктори илмҳои таърих,

профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Ғафур Ҳайдарович Ҳайдаров мансуб аст. Ӯ ба насли аввали олимони шуравии тоҷик тааллуқ дошта, яке аз поягузорон ва намояндагони барҷастаи илми таърихи ҷумҳурӣ дар замони шуравӣ маҳсуб меёбад.

4. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров аз ҷумлаи олимони пурмаҳсул ва боистеъдод мебошад. Ба қалами ӯ беш аз 750 рисолаҳои бунёдӣ, ҷамъбастӣ, асарҳои илмӣ-оммавӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ, мақолаҳо, ёддоштҳо мансубанд, ки дар онҳо таърихи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии халқи тоҷик дар замони шуравӣ ва пасошуравӣ инъикос ёфтаанд.

5. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар ташаккул ва инкишофи илми таърих дар Тоҷикистон, мактаби олӣ, тайёр кардани муаллимон-муаррихон, олимони муаррих, рушду нумуи маорифу фарҳанг дар ҷумҳурии мо саҳми бузург гузоштааст.

6. Дар зиндагинома ва фаъолияти илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров хусусиятҳои давраи таърихии замони ӯ инъикос ёфтаанд. Аз ин рӯ, баъзе лаҳзаҳои ҳаёти олим, осори ӯ фаҳмиши моро дар бораи шароити таърихӣ, таъсири давру замон ба ташаккули ӯ ҳамчун инсон, омӯзгор, олим, ходими чамъиятӣ ва мероси илмию эчодии ӯ пурра менамояд.

7. Дар асарҳои илмии Ғ. Ҳайдаров масъалаҳои таърихи нав ва навтарини Точикистон, хосатан минтақаи шимолии ҷумҳурӣ, сахифаҳои таърихи маорифи халқ, фарҳанг, дигаргунсозиҳои фарҳангӣ, таҳсилоти олӣ, омода кардани муаррихони баландихтисос инъикоси ҳаматарафаи худро ёфтанд.

8. Таҳлили ретроспективии мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров нишон медиҳад, ки баъзе ақидаҳо ва андешаҳои Ғ.Ҳ. Ҳайдаров таҳлилу арзёбиро аз нуқтаи назари илми таърихи муосир тақозо менамояд. Ӯ олими замони шӯравӣ ва ҷонибдори идеологияи марксистӣ буда, қолабҳои замон дар ҳаёти шахсӣ ва осори олим таъсири худро гузоштааст. Аммо, дар маҷмуъ, дар тафовут баъзе нигилистҳо ва идеалистҳо ӯ муаррихи ҳақиқатнигор боқӣ мондааст ва осори илмии ӯ то имрӯз ҳам аҳамият ва арзиши худро гум намекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кор**. Тадқиқот аҳамияти назариявӣ, илмӣ-маърифатӣ, амалӣ ва тарбиявӣ амалӣ. Мавод, мулоҳизаҳои илмӣ, далелу хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашударо ҳангоми навиштани асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи илми таърих ва таърихнигории тоҷик, таълифи китобҳо аз силсилаи “Ҳаёти одамони наҷиб”, омода кардани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои мактабхои олӣ, таълими курсҳои ва семинарҳои махсус оид ба илмҳои таърих истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо (интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия) –** баён, шарҳу тавзеҳи мавод, пешниҳодот ва хулосаҳои илмӣ, навгонӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешкашшуда нашри мақолаҳо аз рӯи мавзӯи таҳқиқот ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта мустақиман, аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Мутоқибати диссертатсия бо шиносномаи тахассуси илмӣ (бо шарҳ ва санаи таҳқиқот).** Диссертатсияи Абдуллоева З.А. дар мавзуи “Саҳми

профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар рушди илми таърих ва таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, пешниҳод шудааст, ба талаботҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.02 Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷавобгӯ мебошад. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров санаи 26.11.2015, суратҷаласаи № 4, тасдиқ шудааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров муҳокима шуда, ҳамчун таҳқиқоти илмии ба анҷом расида ва ҷавобгӯ ба талабот, меъёрҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда, ба ҳимояи расмӣ тавсия шудааст (суратҷаласаи № 5 аз 29.12.2023).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** барои ба даст овардани натиҷаҳо дар тадвин ва тарҳрезии назариёти муаллиф, ҷамъоварӣ, омӯхтан ба низом даровардани маводи боёгонӣ, ки аксарияти онҳо бори нахуст ба доираи илм ворид карда шудаанд, мушаххас намудани саҳми Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар таҳлил ва омӯзиши муҳимтарин руйдодҳои таърихи муосири халқи тоҷик, интишори мавод доир ба мавзуи таҳқиқот дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои гуногун зоҳир мегардад. Илова бар он омода намудан ва ироаи маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногуни сатҳи вилоятӣ (Хуҷанд, 2018), ҷумҳуриявӣ (Хуҷанд, 2016), (Хуҷанд, 2019), байналхалқӣ (Панҷакент, 2019) баёнгари саҳми шахсии довталаб маҳсуб меёбад. Бо мақсади минбаъд идома додани таҳқиқу омӯзиши ҳаёт ва осори илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муаллиф як зумра пешниҳодот ва тавсияҳои мушаххасро пешкаш намудааст, ки онҳо барои идома додани таҳқиқот дар самти омӯзиши эҷодиёти олим, ҷустуҷуи сарчашмаҳои нави бойгонӣ, ки на танҳо барои таҳқиқи осор ва рӯзгори Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ва инчунин барои инъикоси марҳилаҳои муайяни таърихи рушди илми таърих дар ҷумҳурӣ аҳаммият доранд. Тамоми натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Тавсиб ва тадбиқи натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ-и “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” муҳокима ва ба ҳимояи расмӣ пешниҳод шудааст (суратҷаласаи № 5 аз 29.12.2023).

Муҳтавои асосӣ ва баъзе натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз рӯи мавзӯи диссертатсия 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия сабти номшуда нашр шудаанд. Илова бар он, диссертант дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ бо маърузаҳои илмӣ суханронӣ намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда () иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 194 саҳифаи чопӣ компютерӣ пешниҳод шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқат менамояд.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он, вазифа ва мақсади таҳқиқот, навоварии илмӣ, объект ва предмет, ҳудуди хронологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян шуда, инчунин тавсифи натиҷаи таҳқиқот, пояи сарчашмавӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф ва муайян шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия **"Ташаккули Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ҳамчун шахсият, олим, омӯзгор ва ходими ҷамъиятӣ"**, ки аз ду зербоб иборат аст, марҳилаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ташаккули ӯ ҳамчун омӯзгор, олим-муаррих, арбоби ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Зербоби аввали боби якум **"Солҳои ҷавонӣ, таҳсил, оғози фаъолияти меҳнатии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров" ба** таҳлили шарҳи ҳоли олим, тасвири даврони душвори бачагӣ дар кишвари бегона, ки оилаи онҳо чун муҳоҷирони махсус бадарға гардида буданд, тарбия ва таҳсил дар Хонаи бачагони № 26-и кишвари Ставропол (солҳои 1932-1939), идомаи таҳсил дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Ленинобод ба номи Н.К. Крупская (ҳоло Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров), оғози фаъолияти меҳнатӣ ба сифати омӯзгори мактаби миёна (солҳои 1943-1945), солҳои таҳсил дар факултети таъриху филологияи ДДОЛ ба номи С.М. Киров (1943-1947) ва дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёнаи ба номи В. И. Ленин дар ш. Тошканд (солҳои 1950-1953), оғози фаъолияти меҳнатии ӯ чун омӯзгори мактаби олӣ ва ташаккули Ғ. Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун олим-муаррих бахшида шудааст.

Новобаста аз душвориҳо ва маҳрумиятҳое, ки дар даврони бачагӣ насиби ӯ гаштанд, Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ба ҳар сурат бо як меҳру сипоси хос солҳои таҳсил ва зиндагиро дар Хонаи бачагони кишвари Ставропол, ки тақдир онҳоро дар он ҷо рӯ ба рӯ карда буд, ба ёд меорад. Ба ин душвориҳо нигоҳ накарда, онҳо ба маънои томи сухан ба қатори мардум, чун узви комилҳуқуқи ҷомеа ворид гашта, дар он мақом ва ҷойгоҳи назарраси худро пайдо карданд.[1]

Дар ёддоштҳои худ ӯ дар бораи зиндагии вазнини маҳрум аз падару модар дар кишвари бегона навишта, ба ҳар ҳол пас аз ба даст овардани таҷрибаи зиндагӣ ба чунин хулоса меояд, ки Ҳокимияти шуравӣ бо як дасти худ оилаи онҳоро хароб кард, аз зодгоҳ маҳрум сохт, падари ӯро ба Кавказ бадарға намуд, вале бо дасти дигар чун модари мушфиқ аз марги гуруснагӣ наҷот дод, пӯшонид, маълумот дод, тарбия намуд ва ба ҷамъият ворид сохт.[2]

Ин ҷо овардани суханони худи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров айни матлаб аст, ки ӯ менависад: "пас аз андешаи зиёд оид ба мақому пешрафти касбӣ дар зиндагӣ гоҳ-гоҳ ба худ савол медиҳам, ки оё ту метавонистӣ, олим, профессор, арбоби ҷамъиятӣ шавӣ, агар дар хонаи бачагона, дар байни ҷомеа тарбия намеёфтӣ, маҳрумиятҳо ва душвориҳои зиндагиро паси сар намекардӣ, бо пайраҳаи

[1] Хайдаров Г. Х. Былое и думы. (Из воспоминаний). Худжанд: Нури маърифат, 2004. С.146.
[2] Ҳамон ҷо, с. 146.

сангини илм хазида пеш намерафтӣ, оё ту метавонистӣ Ғафур Ҳайдаров шавӣ ва ҳамеша ба ин савол посухи мусбӣ медодам”.[1]

Ҳамчуноне, ки воқеъбинона ва аз рӯи адолат профессор Ҳ. Пирумшоев қайд мекунад “ин иқрори рӯирости олим аз мардонагии бузурги ӯ, ки ҳақиқати таърихиро баён карда тавонистани ӯ, дар тафовут аз баъзе ҳамкасбонаш мебошад, ки андешаҳои худро аз воқеияти на чандон дур зуд-зуд иваз менамоянд”. [2]

Ҳамин тавр, дар зербоби аввал роҳи душвори тайкардаи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки аз давраи тарбиягирандагии хонаи бачагона оғоз шуда, солҳои донишҷӯӣ, аспирантӣ, бурдани тадқиқотҳои илмӣ, то ба давраи дар ҷомеа мақоми шоистаро соҳиб шудан, муфассал таҳлил шудааст.

Дар зербоби дуюм “**Пешрафти илмӣ-омӯзгорӣ ва фаъолияти ҷамъиятии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров**” ҷанбаи рушди касбии Ғ. Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун омӯзгори мактаби олӣ, олим - муаррих, ходими ҷамъиятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар ин қисмат зикр мегардад, ки паз аз хатми мактаби олӣ дар ҳаёти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров таҳаввулоти куллӣ ба миён омад - солҳои донишҷӯи, даврони ҷавонӣ сипарӣ гашта, марҳилаи нави тулонӣ дар фаъолияти меҳнатии ӯ оғоз гардид. Дар ин давра ӯ тамоми зинаҳои мактаби олиро тай намуда, аз ассисент, муаллим, муаллими калон то ба дараҷаи номзади илм, дотсент, доктори илм профессор, мудири кафедра (қариб 40 сол), декани факултет, олими маъруф, ходими ҷамъиятӣ расид.[3]

Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамеша дар хусуси илмӣ бузург андеша мекард ва орзу дошт, ки олим-муаррихи хақиқӣ гардад. Бо ин мақсад ӯ ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна ба номи В. И. Ленин (ш. Тошканд) дохил шуда, ба омӯзиши таърихи маорифи ҶМШС Туркистон ба таври амиқ машғул гардид ва таҳти роҳбарии муаррихи намоён, академики АИ ҶШС Ӯзбекистон И. К. Додонов соли 1953 диссертатсияи номзадиро муваффақона ҳимоя намуд.

Пас аз ҳимояи диссертатсия Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ба донишгоҳи азизи худ ДДОЛ ба номи С.М. Киров баргашта, фаъолияти илмӣ-омӯзгории худро дар факултети таърих - филология оғоз намуд. Ғ. Ҳ. Ҳайдаров дар ёддоштҳои худ чунин қайд менамояд, ки “ду рӯйдоди муҳим дар ҳаёти ман нақши ҳалкунанда бозиданд: соли 1947 маро ба сафи ҲКИШ қабул карданд ва соли 1953 номзади илмҳои таърих гардидам”.[4] Дар пешрафти самти илмӣ-омӯзгорӣ ва касбии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров нақши муҳимро таъин шудани ӯ ба вазифаи мудири кафедраи таърихи ИҶШС соли 1956 гардид, ки ӯ муддати 36 сол - то соли 1992 бебадал ин кафедраро сарварӣ намудааст. Дар солҳои сарварии Ғ.Ҳ.Ҳайдаров кафедраи таърихи ИҶШС аз рӯи тамоми нишондодҳо яке аз кафедраҳои пешқадам ва пешбар на танҳо дар сохтори факултет, балки дар тамоми донишкада буд.

---

[1] Хайдаров Г. Х. Былое и думы. (Из воспоминаний).- Худжанд: Нури маърифат, 2004. - С. – 146.

[2] Пирумшоев Х. Борец за правду истории// Социализм: Теория и практика.- 2007. – № 1-2 (31-32). – С. 36.

[3] Бойгонии давлатии вилояти Суғд. ‒ ф. ‒ 880. ‒ р. 1. ‒. П. 103. ‒ в. 50.

[4] Хайдаров Г.Х. Билое и думы...- С. ‒ 271.

Дар давраи роҳбарии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар кафедраи таърихи ИҶШС шумораи зиёди дастнависи асарҳои ҷамъбастӣ, таҳқиқотҳои монографӣ, маҷмуи мақолаҳо ва ҳуҷҷатҳо муҳокима гардида, кафедра ба сифати муассисаи пешбар ба даҳҳо рисолаҳои номзадӣ ва доктории муаррихони на танҳо Тоҷикистон, балки ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ - Ўзбекистон, Қирғизистон Россия ва ғайра тақризҳои мусбат додааст.

Солҳои 60-90-уми асри XX, дар ҳаёти илмии кафедра пешравии назаррас мушоҳида мешавад: ба кори илмӣ-тадқиқотӣ аксарияти кормандони кафедра ҷалб гардида, таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои таърихи ватанӣ ва ҷаҳонӣ пеш бурда шуда, робита ва ҳамкориҳо рушд менамояд.

Дар пешрафти илмӣ-омўзгории Ғ.Ҳ. Ҳайдаров нақши муҳимро ҳимояи рисолаи докторӣ дар мавзуи "Аз таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон (солҳои 1917-1937)" дар Пажуҳишгоҳи ховаршиносии АИ ИҶШС соли 1968 бозид. Ин ҳодисаи муҳим ва ҳалкунанда дар рушди минбаъдаи касбияти илмии олим гардид. Ў аввалин доктори илм ва нахустин профессори ДДОЛ ба номи С.М. Киров ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсияи доктории Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ва монографияи ў, ки соли 1974 таҳти унвони "Очеркҳои таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ (1917-1937)" интишор гардид, олим қонуният ва зарурияти гузаришро дар таърихи бунёди ҷомеаи навин дар Тоҷикистон дар мисоли минтақаи шимолӣ асоснок ва ошкор намудааст.

Дар пешрафти илмӣ-омўзгорӣ ва касбии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров нақши хоссаро фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсии ў бозидааст. Ўро ҳамчун яке аз таблиғгарон ва ташвиқгарони фаъоли илми таърих тавассути васоити ахбори умум ва минбарҳои илмӣ мешинохтанд. Ў иштирокчии даҳҳо конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳои илмӣ-назариявии сатҳи шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмиллалӣ мебошад. Мавсуф дар Сессияи илмии умумииттифоқӣ оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар давраи то инқилоби Октябр (Тошканд, 1955), Конференсияи байналхалқии ЮНЕСКО оид ба таърих археология ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар аҳди Кушон (Душанбе, 1968), Конгресси X111-умумиҷаҳонии муаррихон (Москва, 1970), Сессияи илмии умумииттифоқии "Масъалаҳои умдаи таърихи сохтмони миллӣ - давлатӣ дар ИҶШС" (Душанбе, 1970), Конференсияи байналхалқии ЮНЕСКО оид ба рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар асри X1X-XX (Ашқобод, 1972), Машварат-семинари умумииттифоқии мудирони кафедраҳои таърихи ИҶШС ва таърихи умумии донишкадаҳои омўзгорӣ (Москва, 1979) ва як қатор мулоқотҳои бонуфузи олимон мебошад.

Олим дар ҳаёти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, маънавии факултет, донишгоҳ, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ фаъолона ширкат меварзид. Ғ.Ҳ. Ҳайдаров солҳои зиёд сарварии ҷамъияти "Дониш"-и шаҳр ва вилоятро дар уҳда дошта, узви Раёсати Садорати ҷамъияти "Дониш"-и ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Бо роҳхати ҷамъияти умумииттифоқии "Дониш" ў ба Венгрия (Маҷористон, 1972), Алҷазоир (1978) ва Италия (1978) сафар намудааст. Илова бар он, Ғ.Ҳ. Ҳайдаров узви Шуроҳои

илмӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, таблиғгари фаъоли дастовардҳои илми таърих, ғояҳои дӯстӣ, равобит ва ҳамкорӣ миёни халқҳо буд.

Ҳамин тавр, таҳлили пешрафти фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ва касбии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ роҳи душвор ва ноҳамвори илмро тай намуда, тамоми зинаҳои пешрафти касбиро ба даст овардааст ва ба сифати олими тавоно, омӯзгори моҳир, устоди ғамхор ва арбоби ҷамъиятӣ шӯҳратёр гаштааст.

Дар боби дуюми диссертатсия "**Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муҳаққиқи таърихи замони шуравӣ ва давраи истиқлолият",** ки аз 3 зербоб иборат аст, масъалаҳои зерин, саҳми профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар инъикоси таърихи маорифи халқ, бозтоби таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистони шимолӣ дар осори олим, таърихи ташаккул ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол дар эҷодиёти илмии муаррих мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Зербоби аввали боби дуюм "**Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муҳаққиқи таърихи маорифи халқ",** ном дошта, ки номи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар радифи олимон, муаррихони намоёни ҷумҳурӣ, ки дар рушди илми таърихи даврони шуравӣ ва муосири Тоҷикистон саҳми бузург гузоштанд, қарор дорад. Тадқиқотҳои сершумори ӯ ба масъалаҳои умдатарин ва ҷанбаҳои муҳимтарини таърихи халқи тоҷик бахшида шудаанд, ки дар ин радиф мақоми хоссаро омӯзиши таърихи маорифи ҶМШС Туркистон, таърихи халқи тоҷик дар замони шуравӣ, Тоҷикистон ишғол менамоянд.

Диссертант қайд менамояд, ки мавзӯи интихобнамудаи рисолаи номзадии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров хеле мубрам буда, таърихи маорифи халқ дар собиқ кишвари Туркистон ҳанӯз ба таври бояду шояд таҳқиқ нагашта буд. Олим дар асоси санадҳои нодири архивӣ, маълумоти матбуоти даврӣ таърихи маорифи халқи ҶМШС Туркистонро, ки гаҳвораи фарҳанг, илм ва маорифи миллатҳои гуногуни халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон ба ҳисоб мерафт, муфассал таҳқиқ намудааст. Дар диссертатсия тамоми бобҳои таҳқиқоти илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таъкид мешавад, ки дар маркази таваҷҷуҳи олим чунин масъалаҳо: ташаккули низоми нави шуравии маориф, таҳкими пояи моддии мактабҳо, тайёр кардани омӯзгорон, маҳви бесаводӣ дар байни мардум ва дигар масълаҳои инқилоби фарҳангӣ мавқеи марказиро ишғол менамоянд.

Муаллифи диссертатсия кайд менамояд, ки  Ғ.Ҳ. Ҳайдаров оид ба нақши зиёиён ва омӯзгорони рус, ки дар саргаҳи низоми нави маорифи халқ, таъсиси мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ қарор доштанд, поягузорони таҳкурсии маълумоти олӣ дар Осиёи Миёна ба шумор рафта, дар тарбияи омӯзгорон ва аввалин гурӯҳи мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ аз ҳисоби намояндагони миллатҳои таҳҷоӣ саҳм гузоштаанд, маълумотҳои нодир оварда мешавад. Дар диссертатсия бобҳои минбаъдаи таҳқиқоти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки дар онҳо масъалаи ҷараёнҳои гуногуни ғоявӣ ва дигар ҷанбаҳои умдаи таърихи маорифи халқи кишвари Туркистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, таҳлил мегардад.

Таърихи маорифи халқ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров қарор дошт. Дар диссертатсияи докторӣ олим қайд менамояд, ки "барои бунёди ҷомеаи навин се масъалаи калидӣ: саноаткунонӣ, коллективонӣ, инқилоби маданӣ бояд амалӣ карда мешуд".[1] Таҳкурсии ҳаллу фасли вазифаҳои зикршуда инқилоби маданӣ ба ҳисоб мерафт, аз ин рӯ, Ғ.Ҳ. Ҳайдаров қайд менамояд, ки мубориза барои маҳви бесаводӣ, масъалаи мактабу маориф дар мадди аввали нақшаи бунёди сотсиализм дар ҷумҳурӣ қарор гирифта буд. Дар диссертатсия андешаҳо ва ақидаҳои Ғ.Ҳ. Ҳайдаров оид ба душвориҳо ва хусусиятҳои хоси инқилоби маданӣ, масъалаи маорифи халқ дар Тоҷикистон таҳлил шудааст.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муҳаққиқи барҷастаи таърихи маорифи халқ маҳсуб ёфта, асарҳои ӯ сарчашмаи пурарзиши историографӣ оид ба омӯзиши таърихи ташаккул, рушди низоми нави таҳсилот, маориф, тайёр кардани омӯзгорон барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ ва рушди мактаби олӣ ба ҳисоб меравад.

Дар зербоби дуюм "**Инъикоси таҳаввулоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар асарҳои Ғ.Ҳ. Ҳайдаров**" осори илмии олим марбут ба масъалаи мазкур баррасӣ шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки амалӣ сохтани барномаи инқилоби маданӣ ва таҳаввулоти иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон дар осори илмии олим мавқеи хосса дорад. Таҳлили асарҳои Ғ.Ҳ.Ҳайдаров собит месозад, ки дар тамоми фаъолият ва эҷодиёти илмии ӯ масъалаи таърихи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 30-юми асри XX мисли риштаи сурх мегузарад. Дар рисолаи номзадӣ ва ҳам рисолаи доктории Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ин масъала чун мавзӯи асосӣ ва меҳварӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои мазкур дар бисёр асарҳои олим, аз ҷумла "Очеркҳои таърихи сохтмони сотсиализм дар Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1917-1937)" (Душанбе, 1974), "Саҳифаҳои таърихи маорифи халқи ҶМШС Туркистон (солҳои 1918-1924)" (Хуҷанд, 1988, бо ҳамқаламӣ бо С. Абдуллоев), "Аз таърихи дигаргуниҳои фарҳангӣ дар Тоҷикистон дар даврони навтарин" (Хуҷанд, 1998 бо ҳамқаламии С. Абдуллоев), "Таърихи халқи тоҷик: асри XX" (Хуҷанд, 2001) ва ғайра инъикоси худро ёфтаанд. Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки корҳои гуногунҷанбаи маърифатӣ ва ҷамъиятиву сиёсии мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ, ки ба ҳаллу фасли дигаргуниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нигаронида шудаанд, дар асарҳои Ғ.Ҳ. Ҳайдаров инъикос шудаанд.

Яке аз асарҳои муҳимми Ғ.Ҳ. Ҳайдаров таҳқиқоти бунёдии "Очеркҳои таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1917-1937)"[2], ки соли 1974 нашр гардид, ба ҳисоб меравад. Ин асар хислати ҳамаҷониба (комплексӣ) дошта, тамоми ҷанбаҳо ва хусусиятҳои хоси давраи гузариш, аз ҷумла рушди иҷтимоӣ-фарҳангии халқи тоҷикро аз замони ғалабаи инқилоби

---

[1]Хайдаров Г.Х. Из истории социалистического строительства в северных районах Таджикистана (1917 – 1937 гг.). В 2-х частях. дис….док. ист. наук: – Москва - Ленинабад, 1967. – 967 с машинописи, 3 альбома иллюс. и фотодокументов.

[2] Хайдаров Г. Х. Очерки истории социалистического строительства в Северном Таджикистане (1917 – 1937 гг.). – Душанбе: Ирфон, 1974. 460 с.

Октябр то солҳои пешазҷангии асри ХХ-ро дар бар мегирад. Дар диссертатсия оид ба муҳиммияти гузаронидани маъракаи ислоҳот дар соҳаи маорифи халқ, таҳсилот, фарҳанг, илм, ташаккули зиёиёни нави тоҷик ва дигар ҷанбаҳои муҳим андешаҳои муаллиф баён шудаанд. Диссертант қайд менамояд, ки дар баробари комёбиҳои бузург, ки дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони Шимолӣ ба даст омаданд, дар таҳқиқоти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров камбудиҳо ва норасоиҳо дар соҳаи сохтмони маданӣ таҳлил ва ошкор карда шудааст. Дар таълифоти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров тамоми самту соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистони Шимолӣ муфассал таҳлил шуда, далелҳо ва маълумотҳои ҷолиб оид ба фаъолияти намояндагони машҳури ҷабҳаи маданӣ оварда шуда, таърихи таъсиси театр ва мусиқӣ, кино, матбуоти даврӣ, таъсиси китобхонаҳо ва кори китобдорӣ, нашри китоб, шабакаи радио ва ғайра инъикоси худро ёфтаанд. Ҳамин тавр, асарҳои Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки ба таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони Шимолӣ бахшида шудаанд, саҳми аразандаи олим дар самти таҳқиқи омӯзиши таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон, дар маҷмуъ, ва, ба вижа дар минтақаҳои шимолии он маҳсуб меёбанд.

Дар зербоби сеюм **“Масъалаҳои ташаккул ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол дар осори илмии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров”** асарҳои олим бахшида ба даврони истиқлолият муфассал таҳлил шудаанд. Дар диссертатсия зикр мегардад, ки Ғ.Ҳ. Ҳайдаров олиме буд, ки набзи замонро хеле аниқ ва амиқ эҳсос менамуд ва таваҷҷуҳи ӯро масъалаҳои ташаккул ва рушди Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба худ ҷалб сохтанд. Диссертант зикр менамояд, ки дар осори олим масъалаи бозсозии горбачёвӣ ва оқибатҳои манфии он барои давраи аввали истиқлолият воқеъбинона ва бо далелҳои раднопазир таҳлил мегардад. Дар диссертатсия асарҳои профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров “Тоҷикистон: фоҷиа ва дарди мардум” (Санкт-Петербург, 1993, бо ҳамқалии М. Инъомов, ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ, узбекӣ), “Таърихи халқи тоҷик: асри ХХ” (Хуҷанд, 2001), “Қадамҳои нахустини Тоҷикистони соҳибистиқлол” (Хуҷанд. 2006) ба таври муфассал таҳлил карда мешавад. Диссертант, зикр менамояд, ки дар асарҳои Ғ.Ҳ. Ҳайдаров сабабҳои асосии мураккаб ва тезутунд шудани вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ в фаро расидани бӯҳрони умумӣ дар ҷомеаи тоҷик, ки ба мухолифати сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ овард, воқеъбинона баррасӣ гаштаанд. Дар тадқиқотҳои муҳаққиқ тамоми марҳилаҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол, нақши Иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқароршавии сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон, аввалин қадамҳо ва иқдомҳо дар роҳи таҳкими истиқлолияти миллӣ таҳлил гардидаанд.

Ҳамин тавр, асарҳои Ғ.Ҳ. Ҳайдаров саҳми пурарзиши олим дар таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, аҳамияти муҳимми илмӣ-назариявӣ, маърифатӣ ва амалӣ доранд.

Дар боби сеюм “**Саҳми профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар таълифи китобҳои дарсӣ ва тайёр кардани мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ**”, ки аз се зербоб

иборат аст, саҳми Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар эҷоди китобҳои дарсӣ, васоити ёрирасони таълимӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, асарҳои илмӣ-оммавӣ ва публитистӣ, тарбияи мутахссисони илмӣ-омӯзгорӣ ва муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, аҳамияти мероси ёддоштӣ (мемуаристика) ва мукотиботи олим мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби аввал "**Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров - муаллифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, асарҳои илмӣ-оммавӣ ва публитистӣ**" зикр мегардад, ки Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар баробари таълифи асарҳои бунёдӣ оид ба таърихи маорифи халқ, таҳаввулоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, бунёди ҷомеаи навин, дигаргунсозиҳои маданӣ, масъалаи ташаккул ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дигар масъалаҳои умдаи таърихи наву навтарини халқи тоҷик як зумра китобҳои дарсӣ, васоити ёрирасони таълимӣ, асарҳои илмӣ-оммавӣ ва публитистӣ дар мавзуи "Ҳаёти одамони наҷиб" ва ғайра таълиф намудааст, ки ҷузъи таркибии мероси пурғановати олим ба ҳисоб меравaнд. Ӯ ҳамчун омӯзгори мактаби олӣ ва методисти боистеъдод якчанд китобҳои дарсиро барои мактабҳои олӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ эҷод кардааст. Дар бораи саҳми ӯ дар ин соҳа, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои таърих Ҳ. Пирумшоев чунин навиштааст: "Бояд хизмати Ғ.Ҳ. Ҳайдаровро дар таълифи китоби дарсии "Таърихи ҶШС Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 мактабҳои миёна (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, узбекӣ. - Душанбе, маориф 1991.196 с.)", ки дар сатҳи баланди касбӣ таълиф шудааст қайд намуд, ки он мисоли классикии таълифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ба ҳисоб меравад".[1] Ин китоб сазовори ҷоизаи ҳавасмандкунии Вазорати маорифи ҷумҳурӣ дар соҳаи китобҳои дарсӣ аз фанни таърих дар соли 1989 гардида, то имрӯз намунаи беҳтарин ба ҳисоб меравад. Ғ.Ҳ. Ҳайдаров доир ба ин китоби дарсӣ чунин навиштааст: "Муаллиф фаъолияти илмӣ-омӯзгории худро ба сифати омӯзгори фанни таърих дар мактаби таҳсилоти умумӣ оғоз намуда, ҳангоми таълифи ин китоб ба таҷрибаи шахсии худ ва мушоҳидаҳо дар ҷарайёни тулонии роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён ва фаъолият дар мактаби муосир такя намудааст. Илова бар он, таҷрибаи омӯзгорони пешқадами фанни таърих О. Обидов, Н. Соловёва, А. Бадалов, Х. Муллоев, А. Кручинина (Муаллимони хизматнишондодаи Тоҷикистон), М. Қаюмов ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд".[2]

Дар диссертатсия як зумра васоити методии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки бо ҳамқаламии С. Абдуллоев таълиф намудааст, муфассал таҳлил шудаанд. Дар диссертатсия асари бунёдии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров "Таърихи халқи тоҷик: асри ХХ". (Хуҷанд, 2001) баррасӣ мешавад. Асар дар пояи ҳуҷҷатҳои нодири бойгонӣ ва асарҳои қабл аз ин нашршудаи муаллиф таълиф гардида, дар он воқеияти асосии таърихи халқи тоҷик дар асри ХХ инъикос ёфтааст. Аз рӯи ақидаи таърихнигори маъруф, профессор Ҳ. Пирумшоев "Ягон асари нашршудаи муаллифони дигар, ки ба асри ХХ бахшида шудаанд, аз ҷиҳати сатҳи таҳлили

[1] История Таджикской ССР. Учебник для 10-11 классов средней школы. (на тадж; рус; узб. языках. – Душанбе: Маориф, 1991. – 196 с.

[2] Пирумшоев Х. Борец за правду истории//Социализм: теория и практика. № 1-2 (31-32). – С. 142.

амиқи мақсаднок ва воқеъбинонаи таърихи халқи тоҷик ва ҷумҳурӣ бо асари мазкури зикршуда баробар шуда наметавонад”.[1]

Дар диссертатсия зикр мегардид, ки Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муаллифи як қатор асарҳои илмӣ-оммавӣ ва публитистӣ ба ҳисоб меравад. Дар байни онҳо “Очерки мухтасари таърихи Ленинобод” (Душанбе, 1965), “Мубориза баҳри барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1917-1923)” (Душанбе, 1966), “Аз таърихи дигаргуниҳои фарҳангӣ дар Тоҷикистон дар даврони навтарин” (Хуҷанд, 1998, бо ҳаммауаллифии С. Абдуллоев), “Фарзанди бузурги Тоҷикистон. Ба ифтихори 90-солагии академик Б. Ғафуров” (Хуҷанд, 1998, бо ҳамқаламии С. Абдуллоев), “Солҳои пурошӯб (1941-1945), Оид ба саҳми суғдиён дар ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ” (Хуҷанд, 2005) мебошад. Номгӯи китобҳо, рисолаҳои (брошюраҳо)-и дар боло зикршуда, собит месозад, ки мазмун ва мундариҷаи онҳоро масъалаҳои муҳимтарини таърихи халқи тоҷик, ки таваҷҷуҳи олимро ба худ ҷалб месохтанд, муттаҳид менамояд.

Диссертант як қатор асарҳои муҳимтарини Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, аз ҷумла “Очеркҳои мухтасари Ленинобод” (Душанбе, 1965), “Мубориза баҳри барқарор ва мустаҳкам кардани Ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1917-1923)” (Душанбе, 1965) барои таҳлил қарор додааст.

Диссертант қайд менамояд, ки дар эҷодиёти илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мақоми хоссаро таълифоти ӯ бахшида ба олимон-муаррихони маъруф, ҳамсафон, ҳамкорон, дӯстон ишғол менамояд. Як зумра таълифоти ӯ ба рӯзғор ва эҷодиёти олимони машҳур, аз қабили З.Ш. Раҷабов, С.А. Раҷабов, М.И. Иркаев, Б.И. Искандаров, Н.Н. Неъматов, А.М. Мухторов, И.С. Брагинский, Р.М. Масов, М.Б. Бобохонов, А. Турсунов, М.Р. Шукуров, С.Қ. Қаюмов, С. Абдуллоев, Н.Н. Растовсева, В.И. Ионова, ва дигарон бахшида шудаанд. Дар диссертатсия асари бо ҳаммуаллифӣ таълифнамудаи С. Абдуллоев ва Ғ. Ҳ. Ҳайдаров “Фарзанди бузурги Тоҷикистон. (Ба 90-солагии академик Б. Ғафуров)” (Хуҷанд, 1998) муфассал таҳлил шудааст.

Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳи олӣ саҳми арзанда гузошта, дар онҳо таҷрибаи олим - муаррихи барҷаста омӯзгори боистеъдод, ки нозукиҳои мактаби таҳсилоти миёна ва олиро хуб медонист, моҳирона пайванд шудаанд. Дар рисола як қатор асарҳои илмӣ-оммавӣ, публитистии олим, ки дар онҳо масъалаҳои таърихи нав ва наватрини ҷумҳурӣ, хосатан давраи истиқлолият, саҳифаҳои зиндагӣ ва фаъолияти шахсиятҳои машҳури таърихӣ, корномаҳои ҷангӣ ва меҳнатии халқи точик дар солҳои Ҷанги Бузарги Ватанӣ ва ғайра таҳлил гардидаанд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм “**Саҳми Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар тайёр кардани мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ**” қайд карда мешавад, ки дар фаъолияти профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун омӯзгори мактаби олӣ ва устоди ғамхор мавқеи хоссаро масъалаи тарбияи мутахассисони баландихтисоси илмӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва омӯзгорони мактаб ишғол менамояд. Диссертант оид ба

---

[1] Пирумшоев Х. Борец за правду истории//Социализм: теория и практика. № 1-2 (31-32). – С. 142.

фаъолияти Ғ.Ҳ.Ҳайдаров ба сифати мудири кафедра ва нақши кафедра чун ниҳоди асосии фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, ва илмӣ дар мактаби олӣ мисолҳои мушаххас меорад. Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки маҳз дар натиҷаи кӯмак ва дастгирии бевоситаи профессор Ғ. Ҳ. Ҳайдаров шумораи зиёди кормандони ҷавони кафедраи таърихи ИҶШС, аз ҷумла М. Искандаров, Н. Турсунов, Ш. Аҳмадов, С. Абдуллоев, М. Иномов, С. Марофиев, Ш. Охунов, А. Турсунов ва дигарон рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро ҳимоя намуданд.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки дар ташаккули илмии С. Абдуллоев, Ҳ. Тоатов, А. Бобокалонов, Ҷ. Ҳомидов, С. Эркаев, Ҷ. Гулбеков, М. Маҳмудова, М. Раҳматова, Н. Ҳомидов, С. Қобилова профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ба сифати роҳбари илмӣ нақши мустақим бозидааст. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ба сифати муқарризи расмӣ ва ғайрирасмии шумораи зиёди аспирантон ва унвонҷӯён дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ суханронӣ намуда, ба даҳҳо рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тақриз навиштааст. Диссертант ба фаъолияти Ғ.Ҳ. Ҳайдаров аввал чун муовин ва сипас раиси Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров аз соли 1996 то соли 2012 фаъолият менамуд, таваҷҷуҳи хосса намудааст. Диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун олим-муаррихи асил, устоди моҳир дар тӯли фаъолияти босамари илмӣ-омӯзгории худ даҳҳо мутахассисони баландихтисоси илмӣ ва илмӣ-омӯзгориро барои донишгоҳҳои олии мамлакат тарбия намудааст, ки онҳо дар тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон фаъолият мебаранд ва имрӯз низ кору фаъолият доранд. Таҳти роҳбарии бевоситаи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров як гурӯҳи бузурги олимон – муаррихон: 10 номзадҳои илм ва 2 доктори илм ба воя расидаанд. Дар илми таърихнигории Тоҷикистон “Мактаби илмии Ғ. Ҳайдаров” ташаккул ёфтааст, ки дар он шумораи зиёди олимони ҷавони ҷумҳурӣ ва ҳамкорони ӯ дар ин мактаб обутоб ва ташаккул ёфтаанд.

Дар зербоби сеюм “**Ёддоштнависӣ ва мероси мактуби Ғ.Ҳ. Ҳайдаров**”, дисертант зикр менамояд, ки да эҷодиёти илмии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мақоми хоссаро ёддоштнависӣ мероси мактуби ӯ (мукотиботи олим) ишғол менамояд. Дар диссертатсия асарҳои олим, ки мустақиман ба жанри ёддоштнависӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла “Тақдирҷунбон” (Хуҷанд, 1998), “Алма-матер” (Хуҷанд, 2002 ба забони русӣ), “Гузаштаҳо ва андешаҳо” (Хуҷанд, 2004, ба забони русӣ), “Роҳи ман” (Хуҷанд, 2007, ба забони русӣ), “Каъбаи дили ман” (Хуҷанд, 2007) таҳлил шудаанд.

Диссертант қайд менамояд, ки дар асарҳои профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров аз қуллаи баланди касбии олим-муаррихи моҳир таҷриба ва ҳиради зиндагӣ, тамоми марҳилаҳои ҳаёти худро таҳлил кардааст. Дар ёддоштҳои худ Ғ.Ҳ. Ҳайдаров таваҷҷуҳи бештари худро ба он ҳодисаву рӯйдодҳо равона намудааст, ки худ шоҳиди онҳо буд ва дар сарнавишт ва ташаккули ӯ чун инсон, шаҳрванд, олим ва ходими ҷамъиятӣ нақшу таъсири худро гузоштаанд.

Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳам дар осори илмӣ ва ҳам дар асарҳои ёддоштии худ ҳамеша ба мавзуъ ва

принсипҳои худ чун муҳаққиқи воқеънигор, ҳақиқатгӯ ва мубориза ростқавл дар роҳи адолат ва ҳақиқати таърих содиқ ва вафодор буд.

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки осори ёддошт ва мукотиботи профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров сарчашмаи пурарзиш на танҳо барои омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти муаллифи ин осор, балки барои инъикоси таърихи ташаккул ва рушди мактабҳои олӣ, хосатан таърихи ДДОЛ ба номи С.М. Киров - ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, тарбияи мутахассисон ва омӯзгорон мебошад, ки хишти аввалини мактаби олиро гузоштанд, инъикоси саҳифаҳои ҳаёти ҳамзамонон, ҳамкорони муаллиф мебошанд.

## I. Хулосаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳлил, омӯзиш ва инъикоси ҳаёт, фаъолият ва мероси илмии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ҳамчун олими маъруф, муҳаққиқи таърихи нав ва навтарини халқи тоҷик, хосатан таърихи даврони бунёди ҷомеа навин, таърихи маорифи халқ, ташаккул ва рушди таҳсилоти олӣ дар ҷумҳурӣ, ходими намоёни ҷамъиятӣ имконият медиҳад, ки ба чунин хулосаҳо ва натиҷагирӣ расид:

1. Асос ва пояи ташаккул ва рушди илми воқеии таърихнигорӣ дар Тоҷикистон, анъанаҳои беҳтарини илми таърихнигории классикии тоҷик, давраи тоинқилобӣ, шуравӣ ва ватанӣ ба ҳисоб меравад. Ташаккул ва рушди илми таърихнигории муосири тоҷик, ташаккули марказҳои илмӣ, таъсиси мактабҳои олӣ, тайёр ва тарбия намудани мутахассисони баландихтисос, муаррихон-омӯзгорон, мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ, ташаккули зиёиёни нав дар Тоҷикистон маҳз ба давраи шуравӣ алоқаманд аст. Табдили донишҳои таърихӣ ба илми воқеии таърих ва рушди минбаъда дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ имконият медиҳад, ба чунин хулоса расид, ки ходимони илм, фарҳанг ва маорифи ин давра дар рушди илми таърих, таҳқиқу омӯзиши таърихи халқи тоҷик, тарбияи мутахассисони маҳаллӣ, олимон-муаррихон дар ҷумҳурии мо хизмати бузург намудаанд. Дар байни онҳо номи олимон-муаррихони тоҷик Б.Ғ. Ғафуров, З.Ш. Раҷабов, Б.И. Искандаров, А.М. Мухторов, Н.Н. Неъматов, Р.М. Масов, Ю.Я. Яқубов, М.Р. Шукуров, А.Ҷ. Ҷалилов, М.Б. Бобохонов, Н.А. Акрамов, Ҳ. Пирумшоев, Н.О. Турсунов ва бисёр дигарон, ки зиндагӣ, фаъолият ва мероси илмиашон ба захираи тиллоии илми таърихнигории тоҷик ворид шудаанд, мақоми хосса доранд.

2. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки яке аз намояндагони барҷастаи илми таърихнигорӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои мубрами давраи нав ва навтарини таърихи халқи тоҷик хосатан давраи дигаргунсозӣ, замони таҳаввулоти қатъии иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-фарҳангӣ ва маънавии ҷомеаи тоҷик дар асри XX - ибтидои асри XX1, таърихи маорифи халқ, мактаб, таҳсилот, ташаккул ва рушди мактаби олӣ дар ҷумҳурӣ таҳқиқи пояҳои назариявӣ методологӣ ва андешаҳои консептуалии илми таърихнигории ватанӣ саҳми бузург гузоштааст. [2-М].

3. Ҷараёни ташаккули Ғ.Ҳ. Ҳайдаровро ҳамчун шаҳрванд, олим-муаррихи маъруф, ходими ҷамъиятӣ, фарди нодир мушоҳида намуда, метавон чунин хулоса намуд, ки дар ҳаёт ва фаъолияти шахсии ӯ зиндагӣ ва роҳи муқаррарии

ташаккули зиёиёни нави даврони шуравӣ инъикос ёфтааст. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров намояндаи ду замон - Шуравӣ ва даврони истиқлоли Тоҷикистон мебошад, ки зиндагӣ ва дониши худ, таҷрибаи хирадмандонаи ҳаёти тайкардаашро ба таҳким ва ғанӣ гардонидани сарватҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавии ҷомеа бахшидааст. Ҳайдаров Ғ.Ҳ. зиндагии тулонӣ, дурахшон, ҷолиб ва самарабахшро паси сар намудааст, фаоъолияти меҳнатӣ, илмӣ-омӯзгорӣ, ҷамъиятии устод ҳамчун ҷузъи таркибии таърихи бунёди ҷомеаи навин дар ҷумҳурии мо, ташаккули зиёиёни тоҷик, ташаккул ва рушди таърихнигории тоҷик, мактаби олӣ, рушди фарҳанг, маориф, тарбияи мутахассисон дар Тоҷикистон мебошад. [1-М].

4. Солҳои бачагӣ, наврасӣ ва таҳсили Ғ.Ҳ. Ҳайдаров бо давраҳои душвор ва фоҷиавӣ-мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шуравӣ ислоҳотҳои қатъӣ, таҳаввулоти ҷомеа, коллективонӣ ва саҳифаҳои фоҷиаовари он - мубориза бар зидди кулакҳо, "таъқиботи сталинӣ", солҳои вазнини давраи ҷанг ва баъди ҷангӣ рост омад. Новобаста аз тамоми ин нобаробариҳои зиндагӣ дар давраи бачагӣ, наврасӣ, хусусан дар ғарибӣ - дар хонаи бачагонаи № 26 кишвари Ставропол, ки сарнавишти фоҷиаомези хонаводаи ӯ, ки ба сифати муҳоҷирони махсус ба кишвари Ставропол бадарға шуда буд, Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар ҳама ҳолат сифатҳои инсонии худро гум накард, аз ҳеҷ кас домангир набуд, баръакс бо самимияти хоса ва сипосгузорӣ онҳоеро ёдовар шудааст, ки ӯро дастгирӣ намудаанд ва дар сарнавишт ва ташаккули ӯ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа олим-омӯзгори муваффақ, ходими намоёни ҷамъиятӣ, шаҳрвандӣ фаъол ва фарде, ки дар ҷомеа мақоми шоистаро пайдо намуд, ёдовар мешавад. [4-М].

5. Профессор Ғ.Ҳ.Ҳайдаров зиндагии шоиста ва ибратбахшро паси сар намуда, намунаи ибрат барои насли наврас ва олимони ҷавон мебошад, ки роҳи ноҳамвори илмро интихоб намуданд. Ӯ тамоми зинаҳои касбӣ болоравии олим-омӯзгорро тай намуда, аз омӯзгори одии фанни таърихи мактаби таҳсилоти умумӣ то ба дараҷаи аспирант, ассистент, муаллими калон, номзади илм, дотсент, доктори илм, профессор, мудири кафедра, Арбоби илм ва техникаи ҷумҳурӣ, донишманди маъруф, устоди ғамхори садҳо муаллимон-муаррихон ва роҳбари илмии даҳҳо номзадҳо ва докторони илм расидааст.

6. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муаллифи беш аз 750 рисолаҳои бунёдии илмӣ, асарҳои илмӣ-оммавӣ, китобҳои жанри ёддоштӣ, мақолаҳои зиёди илмӣ ва илмӣ-оммавӣ дар маҷмӯаҳои гуногуни илмӣ ва саҳифаҳои матбуоти даврӣ мебошад. Мероси бузург ва пурарзиши олим дар илми таърихнигории халқи тоҷик мақоми шоиста дошта, илми таърихнигории ватаниро ғанӣ месозанд.

7. Фаъолияти пурсамари илмӣ-омӯзгориро профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров муваффақона ва босалоҳият бо иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ пайванд намудааст. Ӯ раиси шаҳрӣ ва вилоятии ҷамъияти "Дониш", ҷонишини раиси бахши вилоятии ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ, узви комитети иҷроияи Раёсати тоҷикистонии бахши Анҷумани умумиитифоқии илмҳои сиёсӣ, узви Раёсати вилоятии Садорати ҷамъияти дӯстдорони китоб ва як қатор созмонҳои дигари ҷамъиятӣ интихоб гашта, дар таблиғу ташвиқи дастовардҳои илм, фарҳанг, таҳкими дӯстии байни

ҷумҳуриҳо, рушди ҳаёти фарҳангӣ ва маърифатии ҷумҳурии мо саҳми бузург гузоштааст.

8. Ғ.Ҳ. Ҳайдаров - муҳаррири интишороти сершумори гуногун, тадқиқотҳои дастаҷамъона, рисолаҳо ва китобҳои муаллифони алоҳида, маҷмуаҳои гуногун буда, узви ҳайати таҳририяи якчанд силсилаҳои илмӣ, маҷмуи ҳуҷатҳо, энсиклопедияҳо ва дигар нашрияҳо буд.

9. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров қариб 36 сол (1956-1992) сарвари кафедраи таърихи ИҶШС (ҳоло кафедраи таърихи халқи тоҷик)-ро дар ӯҳда дошта, дар рушди ҷараёни таълимӣ-методӣ, омӯзгорӣ, ҷамъиятӣ, тарбиявӣ тайёр кардани омӯзгорон-муаррихон ва мутахассисони илмӣ-омӯзгори саҳми бузург гузоштааст. Кафедраи таърихи ИҶШС таҳти роҳбарии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров яке аз беҳтарин ва пешқадамтарин кафедраҳои ДДОЛ ба номи С.М. Киров ба ҳисоб рафта, чандин карат ғолиби мусобиқа дар байни кафедраҳои донишгоҳ гардида, бо нишон ва дигар мукофотҳои ҳавасмандкунӣ қадршиносӣ гардидааст. Кафедра дар самти фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ тарбияи мутахассисони илмӣ, омода ва ба ҳимоя пешниҳод кардани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, муқарризӣ ба рисолаҳо, диссертатсияҳо, авторефератҳо, китобҳо, маҷмӯаҳои илмӣ ва мақолаҳои кормандони кафедра ва кафедраҳои ҳаммаслаки донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ нақшу мақоми пешсафро ишғол менамуд.

10. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар тарбия ва тайёр кардани мутахассисони илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ саҳми бузург гузоштааст. Аз охири солҳои 60-уми асри гузашта, ӯ ба тайёр кардани аспирантон, номзадҳо ва докторони илм саҳми арзанда гузоштааст. Таҳти роҳбарии бевоситаи илмӣ ва мушовирии ӯ 10 нафар аспирантон ва унвонҷӯён рисолаи номзадӣ ва 2 нафар (А.Т. Турсунов ва С.А. Абдуллоев) рисолаи докторӣ ҳимоя намудаанд. Дар тули 40 сол профессор Ғ. Ҳ. Ҳайдаров муқарризи расмии беш аз 20 рисолаҳои ҳимояшуда, аз ҷумла 4 рисолаи докторӣ буд. Ӯ беш аз 130 тақриз ва рисолаҳои номзадӣ, докторӣ ва хулосаҳои рисолаҳои номзадию докторӣ навиштааст. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров аввал муовини раис (1996-2002), сипас раиси (2002-2009) Шурои диссертатсионии оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров буда, дар тайёр кардани мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ саҳми бузург гузоштааст. Дар давоми фаъолияти Шӯро (солҳои 1996-2012) қариб 40 нафар аспирантон ва унвонҷӯён рисолаҳои номзадӣ ва 1 нафар дар Шӯрои якдафаъина рисолаи докторӣ ҳимоя намуданд.

11. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар таҳқиқу омӯзиши амиқи масъалаҳои мубрами таърихи нав ва навтарини халқи тоҷик саҳми арзанда гузошта, бо асарҳои худ илми таърихнигории халқи тоҷикро ғанӣ сохтааст. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров чун муҳаққиқе, ки доираи таҳқиқотҳояш хеле фароху доманадор аст, дар соҳаи таърихи маорифи халқ, маърифат, фарҳанг, бунёди ҷомеаи нави мутамаддин, давраи истиқлол ва ғайра осори пурарзиши илмӣ аз худ боқӣ гузоштааст. Хусусияти хоси асарҳои олим, ки ба мавзуъҳои зикршуда бахшида

шудаанд, хислати амиқ ва ҳамаҷониба (комплексӣ) доштани масъалаҳои таҳқиқот мебошанд.

12. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар тули зиндагии босамари худ фаъолона дар ҳаёти илмӣ иштирок намуда, бо маърузаҳо ва гузоришҳои худ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналхалқии илмӣ-назариявӣ ширкат варзидааст.

13. Меҳнати чандинсолаи устод дар ҷодаи маориф, илм ва ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври шоиста, аз ҷониби давлат ва ҷомеа қадршиносӣ гардидааст. Профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров бо ордени Ленин, се Ифтихорномаи Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, Ифтихорномаҳои Комитетҳои вилоятӣ ва шаҳрии ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Сипосномаҳо ва Ифтихорномаҳои ҷамъияти "Дониш" - и ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ, нишони "Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон", унвони ифтихории шаҳрванди Фахрии ш. Хуҷанд, Ҷоизаи вилоятии ба номи академик Б. Ғафуров дар соҳаи илм қадршиносӣ шудааст. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров унвони баланди "Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон" дода шудааст.

Собиқадори мактаби олӣ ва илм Ғ.Ҳ. Ҳайдаров зиндагии тӯлонӣ, душвор, аммо пуршарафи олим - омӯзгор, ходими ҷамъиятиро паси сар карда, дар илми таърихнигории тоҷик ва қалби шогирдон, ҳамкорон, хотираи нек гузоштааст.

14. Ҳаёт ва фаъолияти профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, мероси бузурги илмии ӯ - ҷузъи таркибии рушди илми таърих ва историографияи тоҷик буда, номи ӯ дар солномаи илми ватанӣ ба таври абадӣ сабт гардидааст.

## II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Барои амиқтар ва ҳамаҷониба омӯхтан ва таҳқиқи минбаъдаи мавзуи "Саҳми профессор Ғ.Ҳ.Ҳайдаров дар рушди илми таърих ва маълумоти олӣ дар Тоҷикистон" ба манфиати кор ба масъалаҳои зерин бояд таваҷҷӯҳ намуд ва нуктаҳои зеринро ба инобат гирифт:

1. Таҳлили мавзуи таҳқиқот моро бо вазъи иҷтимоӣ, муҳите, ки Ғ.Ҳ. Ҳайдаров чун инсон, олим, муҳаққиқ, устод, ходими ҷамъиятӣ ташаккул ёфт, ошно месозад. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа ҳамеша ба ташаккул, тафаккури инсон таъсири бузург мерасонад, зеро барои бунёди оянда аз рӯи тафаккури нав ва барои такрор накардани хатову иштибоҳҳо мо бояд ин омилҳоро ҳангоми баҳо додан ба фаъолият ва мероси илмии ин ё он шахсияти таърихӣ ба инобат гирем.

2. Новобаста аз таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёт ва фаъолият ва мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров аз ҷониби муаррихон, ҷомеашиносон, рӯзноманигорон таваҷҷуҳ ба таҳқиқи зиндагии ибратбахш ва мероси илмии олим аҳамият ва мубрамияти худро гум накардааст. Дар осори илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки ба солҳои 20-40-уми асри ХХ ва оғози асри ХХ1 қадамҳои аввали замони истиқлолият бахшида шудаанд, ҳанӯз баъзе саҳифаҳои камтаҳқиқшуда ва баҳсталаб мавҷуданд, ки таҳқиқотҳои амиқи минбаъдаро тақозо менамоянд.

3. Рисолаҳо, асарҳо, мақолаҳо, ёддоштҳо ва мероси мактуби Ғ.Ҳ. Ҳайдаров, ки дар тули тамоми ҳаёти пурсамари илмӣ, эҷодии ӯ таълиф шудаанд, таҳлил,

омӯзиш ва ҷамъбасти амиқро тақозо менамояд. Асару рисолаҳои олим, ки чун посух ба савол ва талаботи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавию ахлоқии замон таълиф шудаанд, сарчашмаи нодири таърихнигорӣ барои омӯзиши таърих, фарҳанг, маориф, мактаби олӣ дар Тоҷикистон, хосатан минтақаи шимолии он маҳсуб меёбанд. Барои давраҳои мушаххаси таърихӣ ҳаёт ва мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров арзиш ва аҳамияти муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ, илмӣ, маърифатӣ, тарбиявиро доро буд ва ҳоло низ дорост. Дар робита ба ин таҳқиқу омӯзиши ҳаёт ва осори олимон - муаррихони намоёни Тоҷикистон, ки дар байни онҳо номи Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мақоми шоистаро ишғол менамояд, вазифаи муҳимми муаррихон ва илми таърихнигории ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

4. Таҳқиқу омӯзиши ҳаёт ва мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров барои пажуҳиши минбаъдаи таърихи ташаккули илми воқеии таърихнигорӣ дар Тоҷикистон, таърихи маориф, мактаби олӣ, фарҳанг, тарбияи мутахассисон нақши муайянро метавонад бозид.

5. Мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров сарчашмаи нодири таърихнигорӣ барои таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, барои таълифи таҳқиқотҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи халқи тоҷик барои давраи нав ва навтарин мебошад.

6. Ҷустуҷӯ, дарёфт ва интишори маълумотҳои нави марбут ба ҳаёт ва фаъолияти олимон-муаррихон, ки дар бойгониҳои Душанбе, Хуҷанд ва дигар шаҳрҳо маҳфузанд вазифаи муҳимми муаррихони ҷавон буда, амалӣ сохтани ин вазифа марҳилаи нав дар таҳқиқу омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва намояндагони маъруфи ҷомеаи зеҳнӣ ва равшанфикрон маҳсуб меёбад.

## Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:

**1. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия:**

[1-М] Абдуллоева З. А. Освещение проблемы Великой Отечественной Войны в трудах профессора Г. Х. Хайдарова/З. Абдуллоева// Номаи донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат. 2016 – № 1 (46). - С. 22 - 28. – ISSN 2077- 4990.

[2-М] Абдуллоева З. А. Социально – экономические и культурные преобразования 30-х годов в Таджикистане в трудах профессора Г. Х. Хайдарова/ З. Абдуллоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат. , - 2017. - № 1 (50). – С. 20 – 26. – ISSN 2077- 4990.

[3-М] Абдуллоева З. А. Некоторые вопросы истории независимого Таджикистана в трудах профессора Г. Х. Хайдарова/З. Абдуллоева// Номаи

донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - № 2 (55). – Хуҷанд: Нури маърифат. - 2018. - № 2 (55). - С. 23 – 30. – ISSN 2077- 4990.

[4-М] Абдуллоева З. А. Мемуарное наследие профессора Г. Х. Хайдарова/ З. Абдуллоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - № 1 (62). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020.– С. 49 – 54. – ISSN 2077- 4990.

## Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:

[5-М] Абдуллоева З. А. Отражение восстания 1916 года в Худжанде в научном наследии профессора Г. Х. Хайдарова/ З. Абдуллоева// Тоҷикистон ва Россия: сарнавишти ягонаи таърихӣ. Маводи Конференсияи илмӣ-назариявии "Осиёи Марказӣ ва Россия: дӯстӣ ва ҳамкориҳои аз санҷиши замон гузашта" бахшида ба 150 – солагии ҳамроҳ карда шудани Хуҷанд ба ҳайати Россия. – Хучанд: Нури маърифат, 2016. – С. 351 – 361.

[6-М] Абдуллоева З. А. Саҳми профессор Ғафур Ҳайдаров дар тарбияи мутахассисони илмӣ – педагогӣ// Уфуқи андешаҳо. (Маҷмӯи мақолаҳои олимони ҷавон ва магистрантон бахшида ба Рӯзи ҷавонон ва 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) - Хуҷанд: Суғдтехносервис, 2016. - С. 153 - 157.

[7-М] Абдуллоева З. А. Саҳми профессор Ғафур Ҳайдаров дар инкишофи илми таърихнигории тоҷик/З. Абдуллоева// Машъалафрӯзи таърих (маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Саҳми профессор Ғафур Ҳайдарович Ҳайдаров дар рушди илми таърих ва тарбияи мутахассисони баландихтисос" бахшида ба 90-солагии зодрӯзи Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илми таърих, профессор Ғафур Ҳайдарович Ҳайдаров). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – С. 19 - 27.

[8-М] Абдуллоева З. А. Профессор Г.Х. Хайдаров о политической деятельности Бободжона Гафурова/З. Абдуллоева//Алломаи Машриқзамин. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии "Академик Бобоҷон Ғафуров - мутафаккири Бузурги Шарқ" бахшида ба 110 - солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - С.221 - 226.

[9-М] Абдуллоева З. А. Масъалаҳои таълиму тарбия дар осори профессор Ғафур Ҳайдаров / З. Абдуллоева (ҳаммуаллиф: Абдукаримов Ҷ.) // Маводи анҷумани илмӣ-амалии баёналмиллалӣ бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ, ҳамчунин барномаҳои байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028", "Масъалаҳои мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ гуманитарӣ, ва фанҳои дақиқ дар замони муосир". - Панҷакент, 2019. - С.798 – 80.

# АННОТАЦИЯ

**автореферата диссертации Абдуллоевой Замиры Абдумуминовны на тему: «Вклад профессора Г.Х. Хайдарова в развитие исторической науки и высшего образования Таджикистана», представляемой к защите на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.02 -Отечественная история (история таджикского народа).**


Кандидатская диссертация посвящена исследованию вклада профессора Г. Х. Хайдарова в развитие исторической науки и высшего образования Таджикистана. Данная тема до настоящего времени не была предметом специального исследования.

Цель и задачи исследования заключаются в изучении жизни, научной деятельности и наследия Г.Х. Хайдарова с учетом конкретно-исторического и историографического контекста. Основная цель исследования - определить место и роль ученого в развитии исторической науки, высшей школы, подготовке кадров, а также оценить значение его научных исследований в отечественной историографии.

В процессе работы над темой автор диссертации руководствовалась методами  и принципами историзма, свободного мышления, преодоления старых идеологизированных подходов к историческим явлениям и личностям, беспристрастностью к изложению фактов и событий, объективного научного анализа. Кроме того использованы методы присущие историческим и историографическим исследованиям: хронологический, проблемный, биографический, сравнительно-сопоставительный, аналитический, критический, описательный и т.д. Исследование жизни и научного наследия Г. Х. Хайдарова показало, что он является одним из корифеев исторической науки в Таджикистане, внесший огромный вклад в разработку и изучение актуальных проблем новой и новейшей истории таджикского народа, особенно истории народного образования.

Научная новизна заключается в том, что впервые в формате кандидатской диссертации, комплексно исследуется жизнь, научно–педагогическая и исследовательская деятельность Г.Х. Хайдарова. Исследование, кроме научно-теоретического, научно-познавательного значений, имеет и практическое значение. В диссертации использованы архивные материалы, прежде всего, богатый личный архив Г.Х. Хайдарова и другие первоисточники, большинство из которых впервые вводятся в научный оборот.

Материалы, научные положения, факты и выводы сформулированные в работе, могут быть использованы при написании обобщающих работ по истории таджикской исторической науки, историографии и историческим дисциплинам.



**Ключевые слова**: Вклад, становление исторической науки, исследования, научная новизна, актуальность, образование, просвещение, высшее образование, отечественная историография, научное наследие, объективный анализ, мемуаристика, эпистолярное наследие.

## АННОТАТСИЯ

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдуллоева Замира Абдумуминовна дар мавзӯи "Саҳми профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар рушди илми таърих ва маълумоти олӣ дар Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи номзадӣ ба таҳқиқи саҳми профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар рушди илми таърих ва таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи мазкур то ҳол мавриди таҳқиқу омӯзиши алоҳида қарор нагирифтааст.

Мақсад ва вазифаи таҳқиқот ба таври мушаххас мавриди омӯзиш қарор додани ҷанбаи таърихнигории рӯзгор, фаъолияти илмӣ, мероси таърихии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров ва муайян намудани саҳм, нақшу мақоми олим дар ташаккул ва рушди илми таърих, маълумоти олӣ, тарбияи мутахассисони баландихтисос ва арзёбии аҳамияти мероси илмии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров дар илми таърихнигории ватанӣ мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқу омӯзиши мавзуи мазкур муаллифи рисола ба метод ва принсипҳои таърихият, воқеият, тафаккури озод, даст кашидан аз қолабҳои кӯҳнаи идеологӣ нисбат ба шарҳу эзоҳи падидаҳои таърихӣ, баёни далелҳо ва рӯйдодҳо, таҳлили воқеъбинонаи илмӣ такя намудааст. Илова бар он, муаллиф аз чунин методҳое, ки ба тадқиқотҳои таърихӣ ва таърихнигорӣ хосанд, аз ҷумла методҳои хронологӣ, проблемавӣ, шарҳиҳолӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ, интиқодӣ, ретроспективӣ ва ғайра истифода намудааст.

Таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори илмии профессор Ғ.Ҳ. Ҳайдаров шаҳодат медиҳад, ки ӯ яке аз донишмандони маъруфи илми таърих дар Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи нав, навтарини халқи тоҷик, хосатан таърихи маорифи халқ, мактаб ва таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурӣ, пажуҳиши пояҳои назариявӣ, методологӣ ва консептуалии илми таърихнигории ватанӣ саҳми бузург гузоштааст. Навоварӣ дар рисола аз он иборат аст, ки бори аввал дар доираи рисолаи номзадӣ ҳамаҷониба (комплексӣ) ҳаёт, фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ва муҳаққиқии Ғ.Ҳ. Ҳайдаров мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия маводи бойгонӣ, пеш аз ҳама бойгонии шахсии олим ва дигар сарчашмаҳои муҳим истифода шуда, бештари онҳо бори аввал ба таваҷҷуҳи аҳли илм пешниҳод мегарданд.

Таҳқиқот ғайр аз аҳамияти илмӣ-назариявӣ, илмӣ-маърифатӣ, инчунин аҳамияти амалиро доро мебошад. Мавод, андешаҳои илмӣ, далелҳо, хулосаҳое, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, барои таълифи асарҳои ҷамъбасти оид ба таърихи илми таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, навиштани китобҳо аз силсилаи "Ҳаёти одамони наҷиб", омода намудани китобҳо ва дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, таълими курсҳо ва семинарҳои махсус аз рӯи фанҳои таърихнигорӣ метавон истифода намуд.

**Калидвожаҳо:** саҳм, ташаккули илми таърих, таҳқиқот, навоварии илмӣ, мубрамият, таҳсилот, маориф, маълумоти олӣ, таърихнигории ватанӣ, мероси илмӣ, таҳлили объективӣ, ёддоштнависӣ, мероси мактуб, даврони шуравӣ, истиқлол.

## ANNATATION

**abstract of the dissertation of Abdulloeva Zamira Abdumuminovna on the topic: "The contribution of Professor G.Kh. Khaidarov in the development of historical science and higher education in Tajikistan", submitted for defense for the degree of candidate of historical sciences in the specialty 07.00.02.-Domestic history (history of the tajik people).**

The candidate's dissertation is devoted to the study of the contribution of Professor G. Kh. Khaidarov in the development of historical science and higher education in Tajikistan. This topic has not yet become the subject of special research. The purpose of the research task is to specifically, historically and historiographically, explore the life, scientific activity and legacy of G.Kh. Khaidarov and determine the place and role of the scientist in the formation and development of historical science, higher education, personnel training and the significance of his scientific research and domestic historiography.

In the process of working on the topic, the author of the dissertation was guided by the methods and principles of historicism, free thinking, overcoming old ideological approaches to historical phenomena and personalities, impartiality in the presentation of facts and events, objective scientific analysis. In addition, methods inherent in historical and historiographical research were used: chronological, problematic, biographical, comparative, analytical, critical, descriptive, etc. Research into the life and scientific heritage of G. Kh. Khaidarov showed that he is one of the luminaries of historical science in Tajikistan, who made a huge contribution to the development and study of topical problems of the modern and contemporary history of the Tajik people, especially the history of public education.

The scientific novelty lies in the fact that for the first time the format of masters thesis, the life, scientific, pedagogical and research activities of G. Kh. Khaidarov are comprehensively studied. Research, in addition to scientific-theoretical, scientific-cognitive, also has practical significance. The dissertation uses archival materials, primarily G. Kh. Khaidarovs rich personal archive and other primary sources, most of which are being in traduced into scientific circulation for the first time.

The materials, scientific positions, facts and conclusions formulated in the work can be used when writing general works on the history of Tajik historical science, historiography and historical disciplines.

**Key words**: Contribution, development of historical science, research, scientific novelty, relevance, education, enlightenment, higher education, domestic historiography, scientific heritage, objective analysis, memoirs, epistolary heritage, Soviet era, independence